Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

РӮЗНОМАИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ДЕВОНИ ВАЗИРОНИ ҶУМҲУРИЯТИ ӮЗБЕКИСТОН

1 маи соли 2002. Чоршанбе № 32 (12775)

Дар фурӯш нархи озод. Рӯзнома соати 18.30 имзо гардид.

Пазирой дар қароргоҳи Оҳсарой

Президенти Ҷумҳурияти Узбекистон Ислом Каримов 26 апрел дар қароргоҳи Оҳсарой ҷонишини калони вазири умури хоричаи Ҷопон Сейкен Сугиурараро пазируфт.

Бояд зикр намуд, ки равобити байни Узбекистон ва Ҷопон бомуваффақият инкишоф меёбад. Зикр гардид, ки агар барои мисол соҳаи савдову иқтисодиёт гирифта шавад, дар он сурат ҳаҷми муовизаи мол дар тӯли соли гузашта ду баробар вусъат ёфтааст. Ҳоли ҳозир тадбиргарони ҷопонӣ дар бисёр лоиҳаҳои иқтисодии Узбекистон фаъолона иштирок менамоянд. Дар айни замон зикр ёфт, ки дар муносибатҳо байни мамлакатҳоямон ҳанӯз имкониятҳои истифоданагардида бисёранд.

Ҳини мулоқот дар қароргоҳи Оҳсарой оид ба масъалаҳои вазъи кунунӣ ва пешомадҳои ҳамкорӣ байни Ҷопон ва Узбекистон мубодилаи афкор ба амал омад.

(ӮзА).

Эъзози куҳансолон

Беҳуда халқамон намегӯяд: «бе пир марав, ки дар бимонӣ...» Ва дарҳақиқат, дар кучое, ки нисбати куҳансолон диққату эҳтиром ва эъзоз зоҳир мегардад, дар ҳамон ҷо сулҳу осоиш, тартиб ва фаровонӣ ҳукм меронад. Таъмини иштироки куҳансолон оиди фаъолият дар бобати ба кулли дигаргунсозии ҷамъият, тарбияи авлоди солим, истифода бурдани тачрибаи касбиву ҳаётии собиқадорон имрӯзҳо яке аз вазифаҳои муҳим ба ҳисоб меравад.

Ва онҳо ҳамчун самти махсус дар Барномаи давлатии «Соли эъзози куҳансолон» муайян гардидааанд, ки бо ташаббуси Президент Ислом Каримов қабул гардидааст. Бо назардошти вазифаҳое, ки дар барномаи мазкур пешбинӣ гардидааанд, Марказӣ ҷумҳурии «Маънавият ва маърифат» плакатро таҳти унвони «Эъзози куҳансолон арзиши волост» аз чоп баровард.

Дар суратҳои зебо саҳми куҳансолон дар фаъолият оид ба эҳёи арзишҳои миллӣ, тарбияи ҷавонон, қарор ёфтани сулҳу осоиш ва муътадилӣ дар ҷамъият акс ёфтаанд.

Плакат дар Нашриёти «Маънавият» бо 10 ҳазор нусха рӯи чопро дидааст.

(ӮзА).

Ӯзбекистон – Эрон:
Муносибатҳои нав дар шароити нав

Президенти Ҷумҳурияти Исломии Эрон Сайид Муҳаммад Хотамӣ 26 апрел бо сафари расмӣ ба Узбекистон ташриф овард.

Дар қароргоҳи «Дурмон»-и пойтахт маросими пешвозгириии расмии Президенти Эрон ба амал омад. Ба шарафи меҳмони воломақом қаровули фахрӣ саф орост. Ба шоҳсӯфа Ислом Каримов ва Муҳаммад Хотамӣ мебароянд. Сурудҳои миллии ду мамлакат навохта шуданд.

Дар қароргоҳ президентҳо рӯ ба рӯ суҳбат карданд. Дар рафти гуфтушунидҳо масъалаҳои муносибатҳои мутақобилаи байни ду мамлакат васеъ муҳокима гардиданд. Оиди вазъи кунунӣ ва пешомадҳои ҳамкорӣ мубодилаи афкор ба амал омад. Ҷонибҳо ба рушди минбаъдаи алоқаҳои тиҷоративу иқтисодӣ, инкишофи ҳамкорӣ дар соҳаи коммуникатсияҳои нақлиёт ва соҳаи сармоягузорӣ диққату эътибори махсусро нигаронданд.

Ҳамчунин оид ба масъалаҳои байналхалқӣ мубодилаи афкор ба амал омад. Аз он ҷумла, муаммоҳои мубориза ба муқобили тероризм, масъалаҳои таҳкими мӯътадилӣ дар Афғонистон, эҳёи иқтисодиёти он баррасӣ гардиданд.

Ҳангоми гуфтушуниди ҳайатҳои вакилони расмии ду мамлакат дар таркиби васеъ масъалаҳои шарикӣ ва ҳамкорӣ байни Узбекистон ва Эрон муҳокима гардиданд. Мавҷуд будани имкониятҳои калон оиди рушди ҳамкории иқтисодӣ ва ба дарачаи нав бардоштани равобит баробари пурра сафарбар кардани нирӯҳои дохилии ду мамлакат на танҳо ба Узбекистону Эрон, балки ба дигар мамлакатҳои минтақа ҳоида ованданаш зикр ёфт.

Қисми асосии ҳамкории иқтисодии байни Узбекистон ва Эрон ба соҳаи коммуникатсияҳои нақлиётӣ алоқаманд мебошад. Равобити байниҳамдигарӣ маҳз дар ин соҳа хеле инкишоф ёфтааст. Агар соли 1996 Узбекистон тавассути ҳудуди Эрон 34 ҳазор тонна бор кашонда бошад, соли 2001 нишондиҳандаи мазкур ба 487 ҳазор тонна расид. Тавассути ҳудуди Узбекистон соли гузашта 750 ҳазор тонна бори транзити Эрон кашонда шудаст.

Дар бораи муносибатҳои тиҷоративу иқтисодӣ бевосита ҳарф зада, бояд зикр намуд, ки дар мамлакати мо қариб панҷоҳ корхонаи муштараки ӯзбекистониву эронӣ арзи ҳастӣ мекунанд. Қисми зиёди онҳо пурра аз ҳисоби сармояҳои тадбиргарони эронӣ созмон дода шудаанд ва асосан бо истеҳсолот шуғл меварзанд. Ҳаҷми муовизаи байниҳамдигарии мол вусъат меёбад. Соли гузашта ин нишондиҳанда ба 11 фоиз зиёд гардид.

Ҳини гуфтушунидҳо бо қаноатмандӣ ин комёбиҳо зикр гардиданд ва баробари коммуникатсияҳои нақлиётӣ аҳду паймон дар бобати вусъат додани ҳамкорӣ дар соҳаҳои бонкиву молиявӣ, содда кардани қоидаҳои расмигардонии ҳуҷҷатҳо ҳини убури сарҳад ва пардохтҳои байниҳамдигарӣ ҳосил гардиданд.

Мамлакати мо ба минтақаи Осиёи Ҷануби-Шарқӣ асосан тавассути бандарҳои эронии Бандари Аббос ва Чӯрбаҳор мебарояд. Ҳоли ҳозир дар Эрон ба ҳаёт лоиҳа оиди рушди инфрасохтори роҳ татбиқ мегардад. Ба фикри мутахассисон, баҳди ба анҷом расидани корҳои роҳе, ки Узбекистонро ба баҳр мебарад, ба ҳазорҳо километр кӯтоҳ мегардад.

Алҳол тавассути ҳудуди Афғонистон ба роҳ мондани ҳаракат масъалаи умда мебошад. Дар ин бобат сухан аз хусуси роҳе меравад, ки аз Тирмиз тавассути шаҳрҳои Мазори Шариф ва Ҳирот ба Эрон мебарад. Албатта, аз ин роҳ дар навбати аввал Афғонистон фоида мебинад. Ҳазорҳо нафар одамон ба кор ҷалб карда мешаванд, сармоягузории калон азҳуд карда мешавад. Баъди анҷоми сохтмону таҷдиди роҳ Афғонистон баробари гирифтани ҳаҷ аз транзит имконияти созмон додани коргоҳҳои навро дар инфрасохтори роҳи нав соҳиб мегардад.

Чуноне ки Президент Ислом Каримов дар нишасти матбуотӣ, ки баъди анҷоми гуфтушунидҳо ба амал омад, зикр намуд, маҳз сарвари маъмурияти муваққатии Афғонистон Ҳамид Карзай созмон додани шохаи нави шабакаи коммуникатсионии нақлиётии байналхалқиро дар ҳудуди мамлакаташ фаъолона ҷонибдорӣ мекунад. Барои Узбекистон ва Эрон хеле муҳим будани роҳе ҳарф задан ҳоҷате надорад, ки тавассути ҳудуди Афғонистон мегузарад.

Баъди ҷорӯҳи гуфтушунидҳо Ислом Каримов ва Муҳаммад Хотамӣ ба Изҳороти муштарак оиди натичаҳои гуфтушунидҳои президентҳои Узбекистон ва Эрон имзо ҷузоштанд. Байни ду давлат ҳуҷҷатҳо дар бобати ҳуддорӣ кардан аз андозситонии дучониба, мубодилаи иттилоот аз андози даромад ва сармоягузорӣ, сабук кардани масъалаҳои визаҳо барои ронандагони воситаҳои нақлиётӣ, дар бораи ҳамкорӣ байни идораҳои сиёсати берунӣ ва иқтисодии берунӣ, ҳамчунин байни Палатаи молофарандагон ва тадбиргарони Узбекистон ва Палатаи тиҷорат, саноат ва саноати маъдани кӯҳии Эрон ба имзо расиданд.

Дар нишасти матбуотӣ Ислом Каримов зикр намуд, ки сафари Президенти Эрон ба Узбекистон барои рушди на танҳо равобити дучониба, балки ҳамгароии минтақавӣ аҳамияти муҳим дорад. Ҷониби Эрон бошад, сафари мазкурро нуқтаи гардишӣ дар муносибатҳои мутақобила тавзеҳ дод.

Президент Ислом Каримов зикр намуд, ки вусъати асосҳои ҳуқуқии муносибатҳои байни Узбекистону Эрон барои инкишофи минбаъдаи доираи равобит ва ҳамкорӣ байни ду мамлакат хизмат менамояд. Алқисса, Узбекистон ва Эрон муносибатҳои навро дар шароити наве ба роҳ мемонанд, ки дар ҷаҳон ба амал омадааст.

Меҳмони воломақоми эронӣ Осорхонаи давлатии таъриҳи Темуриёнро дар маркази пойтахт дидан кард. Нигораҳоеро, ки дар бораи ҳаёти саркардаи бузург Амир Темур ва ворисони вай нақл мекунанд, аз назар гузаронда Муҳаммад Хотамӣ зикр намуд, ки мамлакати мо баъди ба даст омадани истиқлолияти ҳуд корҳои бисёри некро оид ба эҳёи арзишҳои миллӣ ба иҷро расондааст. Ва яке аз ин корҳо — бинои Осорхонаест, ки бахшида ба Соҳибқирон қад кашидааст.

Анвар БОБОЕВ, мухбири ӮзА.

Сафар пурсамар буд

Президенти Ҷумҳурияти Исломии Эрон Муҳаммад Хотамӣ 27 апрел ҳамроҳи Нахуствазири Узбекистон Ӯткир Султонов ба Фарҳангистони улум омада, бо олимон ва намояндагони аҳли ҷамъият вохӯрд. Вай таҳти унвони «Муколамаи тамаддунҳо ва рушди Шарқ» маърӯза хонд.

Муҳаммад Хотамӣ ба комёбиҳои илмии мамлакати мо баҳои баланд дод ва зарурати минбаъда таҳким бахшидани равобитро байни олимони ду мамлакат зикр намуд. Зеро мероси таъриҳӣ, фарҳангӣ ва илмии халқҳои аз қадим дар ҳамшафат зиндагӣ кардаистода барои рушди ҷаҳон аҳамияти муҳим касб менамояд.

Меҳмони воломақом аз Фарҳангистони бадеии Узбекистон дидан кард. Вай зикр намуд, ки намоишгоҳи бори аввал ташкилёфтаи санъати миниатураи Узбекистон ва Эрон воқеаи муҳим дар таъриҳи равобити фарҳангӣ байни ду мамлакат гардид.

Дар намоишгоҳ асарҳои мусаввирони эронӣ, аз қабили Ф.Мунфарид, М.Ҳунаркор, А.Таҳмосбизода, миниатурانависони ӯзбек Ш.Муҳаммадҷонов, А.Йӯлдошев, Ш.Шоаҳмедов ба ҳукми тамошогарон пешкаш гардида буданд.

Дар маросими кушоиши намоишгоҳ Муҳаммад Хотамӣ мукофотҳои махсусро ба гурӯҳи олимони шарқшиносу нависандагони ӯзбек супурд, ки ба рушди равобити фарҳангӣ байни Узбекистон ва Эрон ҳиссаи калон ҷузоштаанд. Ба чунин эътирофи Ҳукумати Эрон Шоислом Шомуҳаммедов, Нӯҳмиддин Комилов, Аҳмад Абдуллоев, Ҷамол Камол, Асқар Маҳкам сазовор гардида буданд.

Дар нимаи дуюми рӯз ҳайати вакилони Эрон таҳти сарпарастии Муҳаммад Хотамӣ ҳамроҳи ҷонишини Нахуствазири Ҷумҳурияти Узбекистон Ҳамидулло Каророматов, вазири умури хорича Абдулазиз Комилов ба Бухоро сафар карданд. Онҳо дар ин ҷо ёдгориҳои қадимаи маъмории шаҳрро тамошо карданд.

— Бухорои Шариф аз рӯи моҳият яке аз шаҳрҳои Узбекистони мустақил аст, — гуфт Президенти Эрон ҳангоми мусоҳиба бо паёмнигорон. — Акнун вай ба сарвати тамоми башарият мубаддал ёфтааст. Дар ин сарзамини муқаддас султони илми ҳадис Имом Ал-Бухорӣ дида ба дунё кушодаст. Дар ин сарзамин ҳамчунин табиб ва файласуфи бузург Абуалӣ ибни Сино ба дунё омадааст. Бухоро ҳамчунин ватани бисёр одамони бузург мебошад. Таассуроте, ки аз ин шаҳри зебову қадима бардоштам, аз чашмдошт зиёд гардид.

28 апрел Президенти Эрон дар Самарқанд дар маросими кушоиши корхонаи муштараки ӯзбекистониву эрониву инглисии «Фарм Доктор Обидӣ» иштирок намуд. Корхонаи мазкур, ки дар шарикӣ бо тадбиргари эронӣ Обидӣ сохта шудааст, имконияти тайёр намудани 26 навъ антибиотиққоро дорад. Ҳамчунин метавонад дар тӯли як моҳ 1 миллион адад сӯзандоруи истифодааш якдафъаина, ҳар гуна маҳсулоти шустушӯиро тайёр кунад. Баробари ба иқтидори лоиҳавӣ расидан 200 кас бо шуғли доимӣ фаро гирифта мешаванд.

Меҳмони воломақом ҳамчунин дар кушоиши дармонгоҳи «Панҷоб» ҳузур дошт, ки Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Эрон созмон додааст. Вай аз ёдгориҳои қадима дидан кард.

Бо ҳамин сафари расмии Президенти Эрон ба мамлакати мо ба анҷом расид. Ҳоиз аст зикр намоем, ки меҳмонон сафари мазкурро нуқтаи гардишӣ дар муносибатҳои мутақобилаи байни давлатҳоямон тавзеҳ доданд. Асосҳо барои бардоштани чунин хулоса ҳифст. Баъди анҷоми гуфтушунидҳо, ки бо роҳбарияти Узбекистон дар Тошканд ба амал омад, ҳуҷҷатҳои муҳиме ба имзо расонда шуданд, ки баҳри рушди минбаъдаи ҳамкории дучониба мусоидат мекунанд. Дар Самарқанд бошад, корхонаи нави муштарак ва муассисаи тиббӣ ба фаъолият шуруъ намуд, ки дар амал рушди ин алоқаҳои байниҳамдигариро намоиш дод. Дар ин бобат шакку шубҳа нест, ки халҳҳои ду мамлакат шоҳиди чунин комёбиҳо, меваи ҳамкорӣ мегарданд.

(ӮзА).

Анҷоми мусобиқаҳо

Аз 24 апрел дар Фарғона мусобиқаҳои варзишгарони ҷавонхонандагони мактабҳои маълумоти ҳамагонӣ давом доранд ва дирӯз анҷоми ҳудро ёфтанд.

Бояд тазаккур дод, дар мусобиқаҳо, ки таҳти унвони «Умид ниҳоллари» мегузаранд, тимҳои вилоятҳои Тошканд, Фарғона, Наманган, Андиҷон ва шаҳри Тошканд болодастии ҳудро намоиш медиҳанд. Аз ин рӯ, онҳо бештар соҳиби медалу мукофотҳои мусобиқа мегарданд. Аз он ҷумла, дар мусобиқаҳои шоҳмот баробари намояндагони шаҳри Тошканд ва вилояти Фарғона, намояндагони вилоятҳои Тошканд ва Сурҳондарё соҳибмалака будани ҳудро намоиш доданд.

Дар мусобиқаи теннисбозон намояндагони шаҳри Тошканд Е.Рябсева ва Д.Исоев ғолиб омаданд. Дар ҷӯштингирӣ бошад, вакилони Қашқадарё ва Навоӣ болодастии ҳудро намоиш доданд. Чор қашқадарёгӣ ва ду навоиӣ соҳиби медалҳои аз ҳама волои мусобиқа гардиданд. Намояндаи Бухоро Алишер Курёзов бошад, дар ҳарбу зарби ҷӯштингирии аз ҳама сервазн ғолиб омад. Дар шиноварӣ намояндагони шаҳри Тошканд пешқадам гардиданд.

Мусобиқаи футболбозон низ пуршиддат мегузарад. Дирӯз дар финал футболбозони фарғонагӣ ва шаҳри Тошканд барои ҷои якум, сурхондарёгиён ва намангониён барои ҷои сеюм ба майдон баромаданд.

Соати 19.00-и 30 апрел мусобиқаҳои финалӣ ба анҷом расида, маросими мутантани пӯшидашавии мусобиқаҳои «Умид ниҳоллари» ба амал омад.

Ҳисоботи муфассали мусобиқаҳо дар шумораҳои ояндаи рӯзноамаамон чоп хоҳад гардид.

(Мухбири ҳудамон).

Изҳороти муштарак
аз рӯи гуфтушунидҳо байни Президентҳои Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ва Ҷумҳурияти Исломии Эрон

Ба мақсади рушди муносибатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ байни ду мамлакат, таҳкими равобити дӯстона байни ду давлат ва халқҳои он 26-28 апрели соли 2002, рӯзҳои 6-8-уми моҳи ӯрдубиҳишти соли 1381-уми ҳиҷрӣ, мувофиқи таклифи президенти Узбекистон ҷаноби Ислом Каримов сафари расмии Президенти Ҷумҳурияти Исломии Эрон ҷаноби Сайид Муҳаммад Хотамӣ ба Ҷумҳурияти Узбекистон ба амал омад.

Ҷонибҳо дар рафти гуфтушунидҳо, ки дар муҳити дӯстӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ гузаштанд,

ҳоҳиши ҳудро дар бобати инкишоф додани муносибатҳо дар соҳаҳои сиёсӣ, тиҷоративу иқтисодӣ, фарҳангӣ ва дигар соҳаҳо баён карда, ба он дилпурӣ изҳор карда, дӯстӣ ва ҳамдигарфаҳмие, ки пояашро усулияти эҳтироми истиқлолият ва соҳибихтиёрӣ, якпорчагии ҳудуд, дахолат накардан ба корҳои дохилаи ҳамдигар, ҳамчунин меъёрҳои аз ҷониби умум эътирофгардидаи ҳуқуқҳои байналхалқӣ инкишоф медиҳанд.

2. Ҷонибҳо чудонопазир будани амнияти Осиёи Марказиро тасдиқ намуда ва сарҳадҳои байналхалқиро аз ҷониби умум эътирофгардидаро эҳтиром карда, дар дарачаи минтақавӣ ба мақсади таҳкими сулҳу осоиш, мӯътадилӣ ва амният ҳамкории зичро ба роҳ мемонанд.

3. Ҷонибҳо саъю кӯшиши дилхоҳеро, ки бар зидди соҳибихтиёрӣ, якпорчагии ҳудуди Ҷониби дигар нигаронда мешаваду ба усулиятҳои муносибатҳои дӯстона мувофиқ нест, пешгирӣ мекунанд. Ҷонибҳо ҳудуди ҳудро барои фаъолияте роҳ намегузоранд, ки бар зидди Ҷониби дигар нигаронда шудааст. Ҷонибҳо дар пойгоҳи дучониба ва дар доирои СММ дар муборизо ба муқобили чиноятҳои муташаккили байналхалқӣ, ҳочоқи моддаҳои нашъамандӣ, тероризм, саъю ҳаракат бар зидди амниятӣ авиатсияи шаҳрвандӣ ва ҳочоқи молҳо, оиди ба вуҷуд овардани низоми васеи муқовимат нишон додан ба ин таҳдидҳо ҳамкорӣ мекунанд.

4. Ҷонибҳо ба мақсади мувофиқгардонии мавқеи ҳуд дар доираи ташкилотҳои байналхалқӣ ва саммитҳо мубодилаи афкор мекунанд ва машварати байниҳамдигариро мегузаронанд.

Ба ин мақсадҳо ва дар амал татбиқ кардани Протокол дар бораи машвратҳо ва амалиёти мутақобила байни Вазорати умури хоричаи Ҷумҳурияти Узбекистон ва Вазорати корҳои хоричаи Ҷумҳурияти Исломии Эрон машвратҳоро дар пойгоҳи мунтазамӣ ба дарачаи вазирони умури хорича ва ҷонишинони онҳо оид ба муаммоҳои байналхалқӣ ва дучонибае мегузаронанд, ки ба онҳо майлу шавқи байниҳамдигариро доранд.

5. Ҷонибҳо қаноатмандии ҳудро аз дарачаи ҳамкории ду мамлакат дар доираи ташкилотҳои байналхалқӣ ва минтақавӣ баён карда, зарурати таҳким бахшидани чунин ҳамкориро, аз он ҷумла дар Созмони Милали Муттаҳид, Ташкилоти Конфронси Исломӣ ва Ташкилоти ҳамкории иқтисодӣ (ЭКО) тасдиқ мекунанд.

6. Ҷонибҳо азму иродаи халҳҳои ду мамлакатро дар бобати ҷонибдории сулҳу осоиш ва мӯътадилӣ дар минтақа тасдиқ намуда, саъю кӯшиши ҳудро дар бобати ҳаллу фасли муаммоҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ баробари истифода бурдани усулҳои осоишта ифода намуда, тарафдори идомаи амалӣ гардондани машвараті байниҳамдигарӣ оиди ба вуҷуд овардани механизмҳои серчонибаи минтақавии дахлдор мебошанд.

7. Ҷонибҳо он чизро тасдиқ намуда, ки созмон додани минтақаи аз силоҳи ядрой орӣ, бешак ба манфиатҳои таъмини амниятӣ миллӣ, минтақавӣ ва умумичаҳонӣ хизмат мекунад.

8. Ҷонибҳо оғози раванди усули сиёсии танзими муаммои Афғонистонро мусбӣ арзёбӣ намуда, доираи ҳамкории муштаракро оид ба расондани мадад дар бобати қарор ёфтани сулҳу осоиш ва мӯътадилӣ, ҳамчунин раванди аз нав барқарор кардани Афғонистон, минҷумла расондани кӯмаки инсонпарваронаро ба мамлакати мазкур васеъ мегардонанд.

9. Ҷонибҳо муҳим будани натичаҳои ҳосилшударо дар соҳаи тиҷорату иқтисодиёт зикр намуда, бо назардошти манфиатдории байниҳамдигарӣ зарурати минбаъда рушд бахшидани равобити тиҷоративу иқтисодӣ ва вусъат додани ҳаҷмҳои муовизаи моли байниҳамдигариро қайд карда, ба фароҳам овардани шароити мусоиди ҳуқуқӣ ба мақсади сабук гардондан ва рушди чунин ҳамкорӣ кӯмак мерасонанд.

10. Ҷонибҳо ба рушди ҳамкорӣ дар соҳаи бонк мадад мерасонанд ва зарурати вусъати равобитро байни бонкҳои ду мамлакат барои боз ҳам босамар истифода бурдани имкониятҳои мавҷудаи вусъати муносибатҳои байниҳамдигарии тиҷоративу иқтисодӣ зикр менамоянд.

11. Ҷонибҳо ба амалӣ гардондани ҳамкории ба ҳамдигар мувофиқ байни субъектҳои ҳоҳигадории ду мамлакат дар соҳаи саврдо, истеҳсолот, сармоягузорӣ, кишоварзӣ, тандурустӣ ва ғайра мадад мерасонанд.

12. Ҷонибҳо хеле муҳим будани риояи аҳду паймонҳои пештар ҳосилшударо дар доираи Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкории тиҷоративу иқтисодӣ ва илмиву техникӣ байни Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ва Ҷумҳурияти Исломии Эрон, ҳамчунин таҳия намудани силсилаи ҳуҷҷатҳои зарурии дучонибаро тасдиқ мекунанд.

13. Ҷонибҳо муҳим будани ҳамкории ду мамлакатро дар соҳаҳои коммуникатсияҳои нақлиётӣ ва транзит ба назар гирифта, ҳамчунин зарурати ичро намудани аҳду паймонҳои дар ин соҳа ҳосилгардидаро ҷонибдорӣ намуда, имкониятҳои боркашонии нақлиётӣ ва транзитро вусъат медиҳанд, ба ҳамдигар режими ниҳоят мусоидро дар соҳаи нақлиёти роҳи оҳан, ҳавоӣ ва автомобилӣ фароҳам меоваранд.

14. Ҷонибҳо нияти ҳудро дар бобати такмил додан ва баланд бардоштани дарачаи истифодабарии коммуникатсияҳои нақлиётӣ барои баромадани Ҷумҳурияти Узбекистон таваccути ҳудуди Ҷумҳурияти Исломии Эрон ба коммуникатсияҳои байналхалқии баҳрӣ, аз он ҷумла таваccути низомии нақлиётиву коммуникатсионии Ҷечен-Сарахс-Машҳад-Бандари Аббос, ҳамчунин барои баромадани Ҷумҳурияти Исломии Эрон ба бозорҳои Осиёи Марказӣ ва Чин таваccути ҳудуди Ҷумҳурияти Узбекистон изҳор мекунанд.

Ҷонибҳо ҳамчунин ниятҳои ҳудро дар бобати иштирок дар барқарор кардан ва таҷдиди роҳҳои мавҷуда дар Афғонистон, ки Ҷумҳурияти Узбекистонро таваccути ҳудуди Ҷумҳурияти Исломии Эрон ба коммуникатсияҳои байналхалқии баҳрӣ мебарорад, изҳор мекунанд.

15. Ҷонибҳо чунин меҳисобанд, ки рушд ва таҳким бахшидани равобити фарҳангӣ байни ду мамлакат ва манфиатҳои ду мамлакат ҷавобгӯ ст.

16. Ҷумҳурияти Узбекистон ташаббуси пештар баёнкардаи Ҷумҳурияти Исломии Эронро дар бораи лоиҳаи «Муколамаи тамаддунҳо» ҷонибдорӣ мекунад.

Ҷонибҳо хеле муҳим будани ба роҳ мондани тартиби чаҳонирро, ки асосашро усулияти муколамаи тамаддунҳо ва усулиятҳои ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамзистии осоиштаи инсоният ташкил медиҳад, эътироф мекунанд.

Ҳуҷҷати мазкур аз ҷониби Президентҳои ду мамлакат дар шаҳри Тошканд 26 апрели соли 2002, яъне шашуми рӯзи моҳи ӯрдубиҳишти соли 1381-уми ҳиҷрӣ, дар ду нусха, ҳар кадом ба забони ӯзбекӣ ва форсӣ ба имзо расидаанд ва ҳар ду матн эътибори яҳхела доранд.

Аз ҷониби Ҷумҳурияти Ӯзбекистон
И.А.КАРИМОВ, Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон.

Аз ҷониби Ҷумҳурияти Исломии Эрон
С.М.ХОТАМӢ, Президенти Ҷумҳурияти Исломии Эрон.

Ҷасорати абадзинда
9 май – Рӯзи хотира ва қадр

Мафҳуми Рӯзи хотира ва қадр маъноҳои ниҳоят калонеро дар ҳуд таҷассум гардондааст. Ва он маъноҳо на танҳо ситоиши он одамонеро дорад, ки дар набардгоҳҳо ба муқобили фашизм иштирок намуда, ҳаётҳо ҳудро ба хотири озодӣ ва шукуфонии Ватан қурбон кардааанд. Дар ин рӯзи фархунда қарз ва ҳуддадории ҳар як кас иборат аз ба хотир овардани қаҳрамонҳои халқ, аз қабили Тӯмарис, Шерак, Спитамен, Ҷалолиддини Мангубердӣ, Нӯҳмиддини Кубро, Намоз Ботир Барин диловарон низ аст, ки ба хотири озодие, ки дар тӯли қарнҳо халқамон орзу мекард, ҳаётҳо ҳудро қурбон кардааанд, ба хотир овардани номи намояндагони фидокори халқамон низ мебошад, ки барои шукуфонии ин кишвар, озодии он, хушбахт гардидани халқи он ҷони ҳудро нисор кардааанд. Таҳти мафҳуми хотира мо ба ёд овардани ниёкон, идома додани корҳои неки онҳоро мефаҳмем. Қадршиносӣ бошад, маънои ба хотир овардан, эҳтиром зоҳир кардан, ёдбуди сазоворонаи ҳамватанонамоне низ мебошад, ки дар тӯли асрҳо кишвари маҳбубамон, озодӣ ва истиқлолият, ҳаётӣ осудаҳолонаи халқамонро қаҳрамонона ва фидокорона ҳифз намудааанд. Ва қадр кардани меҳнату шуҷоати насли калонсолон низ вазифаи муқаддаси мост, ки имрӯз дар байни мо ҳастанду бо пандҳои ҳуд, насиҳати хеш ба ҷавонон роҳи дурустро нишон медиҳанд, дар соҳаҳои мухталиф ҳамоно кор карда, таҷрибаи бои ҳудро ба насли наврас меомӯзонанд ва бо ҳамин ба ривоҷу равнақи Ватани маҳбуб саҳми арзандаи ҳудро мегузоранд.

Сарвари давлатамон ҳини суханронии ҳуд дар маросими мутантан бахшида ба Рӯзи хотира ва қадр 9 маи соли 1999 таъкид карда буданд: «Миллате, ки хотира надорад, таъриҳи ҳудро фаромӯш кардааст, ба қадри ниёкони ҳуд намерасад, оянда надоҳтаи пештара ба сари мо чӣ қадар офату кулфатҳо наомад, шумурдан амрест маҳол. Танҳо ҳаминаш аён аст, ки дар чанд даҳсолаи садаи гузашта мо побандӣ мафкураи бегона гардида, бисёр арзишҳои аслии халқӣ, муқаддасоти миллиро аз чашм дур кардем, рӯстӣ онҳоро ба ҷо меовардем ва ё рӯстӣ ба ҳам маъниидод мекардем, «бутҳои» сохта ба «саҷдагоҳамон» табдил ёфтанд, қабру мазорҳои гузаштагон ҳаробазор шуда буданд. Ҳол он ки бузургонамон васият карда буданд, ки аз асли ҳуд дур шудан оқибати номатлубе дорад ба халқ.

Ҳамин тавр халқи мо таҳти сарпарастии Президенти ҳуд барои ба асли ҳуд баргаштан саъю кӯшиш мекунад, саҳифаҳои нохондаи таъриҳро боз менамояд, ҳақиқати таъриҳиро нотарсона баён месозад. Ва халқамон ҳуб дарк кардааст, ки таъриҳ на фақат китоби зикри маҷмӯи ҳодисаву воқеаҳо, ҳамчунин китоби хотира, лавҳи ёддошти рӯзгори ширину талхи аҷдодон ҳам ҳаст. Пас таъриҳ бе хотира таъриҳ нест. Бинобар ин агар таъриҳ омӯзем, саҳифаҳои онро варақгардон кунем, пеш аз ҳама бояд лавҳи зиндагии аҷдодонро омӯзем, ба ёд оварем. Хотира рӯҳи таъриҳ асту инсон бидуни хотира ва таъриҳ зиндагӣ карда наметавонад. Дар айни замон гузашта, ёди таъриҳ касро ба инсоф, ҳудогоҳӣ, ҳудшиносӣ даъват мекунад. Дарк мекунем, ки чӣ касоне ин дунёро тарк кардааанд, чӣ меросе, чӣ корҳои нисор кардааанд. Барои наздик кардани Рӯзи Ғалаба саҳми миллионҳо одамони ӯзбекистонӣ низ калон аст, ки дар аҳиқбоҳ намунаи беҳтарини мардонагиву ҷасорат ва матонат нишон додаанд. Зеро набардгоҳ маҳз ба туфайли меҳнати фидокоронаи аҳиқбоҳ бо силоҳи замонавӣ, озуқа, либос таъмин гардид. Ва мудом ба ёд овардани хотираи онҳое, ки дар ин солҳои мудҳиш ва баъди он фавтидаанд, қадршиносӣ кардани ҳуқуқсолонаи ҳуҳ, ки ба ҳаҳ ба ҳаҳ ба ҳаҳ

Ғайрати чорводорон

Меҳнаткашони хоҷагии фермерии ба чорводорӣ махсусонидашудаи ба номи Эргаш Полвони ноҳияи Тирмиз мавсими зимистонгузаронии чорворо бомуваффақият ба анҷом расонда, ҳоли ҳозир бо ҷамъоварии хӯрок шуғл меварзанд. Боронҳои баҳорӣ, ки имсол бисёр борид, барои фаровон шудани алаф мусоидат кард ва ин алаф алҳол бо суръату сифати баланд ҷамъ оварда мешавад.

Хоҷагии фермерӣ 760 сар чорвои калони шохдор дошта, аз он 360 сараш модагов аст. Ба афзун гардондани саршумори чорво, мустаҳкам кардани заминаи хӯрокии он, дар асоси талаботи зооветеринарӣ парво кардани чорво аз кулли имкониятҳо истифода бурда мешавад. Дар айни замон аҳли хоҷагии фермерӣ барои иҷро намудани нақша саъю кӯшиш доранд. Онҳо имсол 450 тонна шир, 22 тонна гӯшт супурданианд.

Дар сурат: коркунони пешқадами хоҷагии фермерӣ **Абдурасул АБРАЕВ, Рӯзибой ХӮҶАНОВ, Худоназар ЭРГАШЕВ.**

Матн ва сурати Искандар ХӮҶАЕВ. (ҮзА).

Мавзӯи муҳими рӯз

Одами аз ҳама иззатманди ҷамъият имрӯз кист?

Одатан дар байни одамони синну соли мухталиф, касбу кори гуногун дар ин мавзӯъ баҳсу мунозира доманадор мегардад. Ҳар яке бурҳону далели ҳотеҳ оварда, соҳиби ин ё он касбу корро одами аз ҳама иззатманд, агар гуфтан ҷоиз бошад, одами аз ҳама обрӯманди ҷамъият мепиндоранд. Ва бисёриҳо имрӯзҳо ба ҷумлаи ин касбу кор шомил гардидани прокурору суд, милисаву корманди андоз ва гумрук, паёмнигору шарқшинос ва ғайраро ақидаи ягона дурусти худ медонанд. Шояд аз ҳамин сабаб бошад, миқдори ҳуҷҷатсупории довталабон ба он донишкадаву донишгоҳҳое сол то сол меафзояд, ки маҳз ҳамин соҳибони касбу корро тайёр мекунанд.

Аз ин рӯ саволи ҳаққонӣ ба миён меояд: одамони ана ҳамин соҳиби касбу кор магар иззатманду обрӯмандтарини аҳли ҷамъият ба ҳисоб мераванд?

Доири ин масъала фикру ақидаҳои мухталиф мавҷуданд. Аз ин рӯ, баҳсу мунозира тӯл мекашад. Ба ин масъала Президенти ҷумҳуриятамон Ислом Каримов дар иҷлосияи ҳаштуми Олӣ Мачлис даъвати дуюм саҳеҳ даровардаанд ва зикр намуданд, ки агар аз ман пурсанд, ки имрӯз одами аз ҳама иззатманду обрӯманди ҷамъият кӣ аст ин тавр ҷавоб медодам: вай на прокурор асту на милиса ва на соҳиби касбу кори дигар. Одами аз ҳама обрӯманди ҷамъият имрӯз тадбиргар, одами чашмикордон аст.

Дар замири ин суханон маънои зиёде ниҳон аст. Чунки тадбиргар, амволдор барин мафҳумҳо дар ҷамъияти мо баъди ба даст омадани истиқлолияти Ӯзбекистон вирди забон гардида, ҳамчун синфи нав такомул меёбанд ва ба фикри бисёриҳо ба такягоҳи асосии ҷамъият мубаддал мегарданд ва он бесабаб нест. Чунки дар кулли мамлакатҳои аз нигоҳи иқтисодӣ муқтадир асосии ҷамъиятро кормандоне ташкил медиҳанд, ки тадбиргаранд ва дар сохторҳои соҳибкории хурду миёна кор мекунанд, соҳиби амволи хусусӣ мебошанд. Масалан, дар Ҷопон ҳариб 70 фоизи кормандон дар ин соҳа машғули кор буда, 55 фоизи тамоми даромади миллии мамлакатро ҳосил мекунанд. Дар мамлакатҳои Ғарб ин нишондиҳанда ҳам мутобиқан ба 60 ва беш аз 50 фоизӣ баробар аст.

Дар Ӯзбекистон чӣ? Азбаски соҳаи мазкур баъди истиқлолият ба вуҷуд омад, нақши он дар рушди мамлакат сол ба сол меафзояд. Президенти Ӯзбекистон ҳанӯз соли 1999 дар суханронии хеш дар иҷлосияи чоруми Олӣ Мачлис даъвати дуюм вазифа пеш гузошта буданд, ки иқтисодиёти серҷанба ба вуҷуд оварда шавад, ки дар он бояд мақоми асосиро амволи хусусӣ ишғол намояд. Зеро дар мамлакат ба миқдори зарурӣ будани синфи амволдорон ҳамчун кафолати мӯътадилӣ ва фаровонӣ дар ҷамъият хизмат менамояд.

Барои амалӣ гардондани ин вазифаи устувор пеш аз ҳама хоҷагиҳои деҳқонӣ ва фермерӣ, сохторҳои соҳибкории хурду миёна, баробари баланд бардоштани мақоми саҳҳомон дар идоракунии истеҳсолот рушд бахшида, тадбиргарии хусусӣ доманадор гардад. Президент ҳамон вақт чунин вазифаро пеш гузошт: дар дусе соли охир миқдори корхонаҳои хурду хусусӣ ду баробар вусъат дода, ҳиссаи онҳо нисбати маҳсулоти умумии миллӣ камаш ба 25 фоиз расонда шавад.

Ва ин вазифа алҳол собитқадамона иҷро мегардад. Дар тӯли ин солҳо заминаи қонунгузорӣ ва меъёриву ҳуқуқии соҳибкории хурду миёна, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва фермерӣ хеле таҳким бахшида, такмил ёфт. Қоидаҳои соддаи номнавискунии субектҳои соҳибкории хурду миёна чӯрӣ гардид. Барои тадбиргарон низоми андозсупорӣ, ҳисобу китоби муҳосибӣ ва ҳисоботи оморӣ соддаву такмил дода шуд. Шароити мусоид барои вусъат додани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот аз ҷониби сохторҳои соҳибкории хурду миёна фароҳам оварда шуд. Ҳифзи ҳуқуқии тадбиргарон пурзӯр гардида, оқибат миқдори тафтиш аз тарафи мақомоти назораткунанда ва ҳифзи қонуну тартибот кам гардид. Миқёси ҷонибдории молиявии субектҳои соҳибкории хурду миёна тавассути вомҳои имтиёзнок, вомҳои хурд ва пешкаш кардани маблаг барои ба вуҷуд овардани маблағи оғозин фаъолияти меҳнатии онҳо доманадор шуд. Ҳаҷми ба ин субектҳо пешкаш кардани вомҳо танҳо дар соли гузашта беш аз 2,4 маротиба афзуд. Дар айни замон алҳол 70 фоизи вомҳои ҷудогардида миёнамӯҳлата дарозмӯҳлат мебошанд, ки барои вусъати фаъолият нақши калоне мебозанд. Аз он ҷумла, танҳо соли гузашта ба тадбиргарон ва фермерон беш аз 27 миллиард сӯм вомҳои хурд пешкаш гардид. Механизми бархурдор будани ин сохторҳо аз захираҳои моддиву ашёи хом такмил ёфта, ҳаҷми фурӯши маҳсулот аз тарафи соҳибкории хурду миёна дар биржаҳои молу ашёи хом вусъат ёфт. Оқибат, ҳиссаи соҳибкории хурду миёна нисбати маҳсулоти умумии дохила, ки онро мо одатан маҳсулоти умумии миллӣ ҳам меномем, пайваста меафзояд ва он алҳол ба 24,5 фоиз баробар гардидааст, ки нишондиҳандаи он қадар бад нест.

Боз як далел: имрӯз беш аз 53 фоизи тамоми одамоне, ки дар иқтисодиёти мамлакат ба шуғл фаро гирифта шудаанд, намояндагони соҳибкории хурду миёна ва тадбиргарон мебошанд. Дар айни замон, миқдори корхонаҳои хурду миёна ҳам хеле афзудааст. Агар ба нишондиҳандаҳои кишоварзӣ назар афканем, дар он сурат то чӣ андоза нақши калон бозидани хоҷагиҳои деҳқонӣ ва фермериро ҳуб эҳсос мекунем. Аз он ҷумла, шумораи хоҷагиҳои фермерӣ алҳол ба 63,3 ҳазор адад расидааст. Хоҷагиҳои деҳқонӣ ҳам рӯз то рӯз аз ҷиҳати миқдор меафзоянд. Алҳол 13 ҳазор хоҷагии деҳқонӣ арзи ҳастӣ мекунад, ки мақоми шахси ҳуқуқиро пайдо кардаанд. Аз ҳисоби рушди тадбиргарӣ дар бадали се моҳи соли кунун созмон додани 96,9 ҳазор коргоҳи нав аз ҳамин далолат медиҳад, ки дар ҷамъияти мо мақоми тадбиргарӣ, субектҳои соҳибкории хурду миёна торафт баландтар мегардад. Махсусан дар соҳаи кишоварзӣ ҳиссаи онҳо нисбати маҳсулоти умумӣ пайваста зиёд мегардад. Аз он ҷумла, пахтаву ғалла, меваву сабзавот ва дигар маҳсулоти кишоварзӣ дар сектори хусусӣ бештар рӯёнда, ба давлат фурӯхта мешавад.

Баробари ин тадбиргарон, субектҳои соҳибкории хурду миёна дар бобати амиқ гардондани ислоҳот, тағйир додани шуури одамон ҳам саҳми калон мегузоранд. Кормандони соҳаи мазкур, яъне тадбиргарон, фермерон дар маҳали худ бо сохтани обектҳои нав ба нави таъиноти мухталиф нақши калон мебозанд. Ба муассисаҳои таълим, тиббӣ, дигар соҳаи хизматрасонӣ аз наздик кӯмаки ройгон мерасонанд. Бисёр мисолҳо овардан мумкин аст, ки тадбиргар, фермер аз ҳисоби маблаги худ бинои мактабу боғча, беморхона месозад, барои мактаббачагон ва донишҷӯён аз ҳисоби худ идрорпулӣ ҷорӣ кардаст, маълӯлон, иштирокдорони ҷанг ва оилаҳои камбисотро аз нигоҳи молиявӣ ҷонибдорӣ мекунад.

Ва ин қабил мисолҳо ғуворӣ медиҳанд, ки имрӯз дар ҷамъияти мо мақоми онҳо ниҳоят афзуда, ба одамони аз ҳама иззатманду баобрӯи ҷамъият мубаддал гардидаанд ва аз ҳама муҳимаш, боварии мардуми мо нисбати онҳо торафт қавитар мегардад.

Т. ЭҲСОН.

Олими номдор

Фаррух Амирович Аҳназаров олими номдор аст. Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори Ректори Донишкадаи муҳандисони обёрикунӣ ва механикиниии кишоварзии Тошканд. Дар ботати тайёр кардани кадрҳои соҳибмалака саҳми калон мегузорад. Алалхусус дар давраи гузариш, вақте ки муносибатҳои иқтисоди бозаргонӣ дар мамлакатамон амиқ татбиқ мегардад таълим, ҷавобгӯи андозаҳои байналхалқӣ гардидани он саҳми калон мегузорад. Асарҳои таълифнамудаи ӯ таҳти унвонҳои «Асосҳои соҳибкорӣ ва тадбиргарии Ӯзбекистон», «Муносибатҳои иқтисоди бозаргонӣ, тадбиргарӣ ва кадрҳо», «Менеҷмент ва тадбиргарӣ дар Ӯзбекистон» ба сифати дастури муҳими таълимӣ аҳамияти калон касб намуда, ба китоби рӯимизии олимон ва донишҷӯён мубаддал гардидаанд.

Фаррух Аҳназаров муаллифи беш аз 70 мақола, дастури таълимиву равишомӯзӣ буда, дар чанд кунгураҳои байналхалқӣ иштирок намудааст. Таҳти сарпарастии бевосита ӯ 4 нафар олими ҷавон рисолаҳои доктории илм ва номзади илмро дифоъ намудаанд. Алҳол олими ташаббускор тамоми диққату эътибори худро ҳамчун омӯзгор ба тарбияи авлоди наврас, ба камол расондани кадрҳои миллии соҳибмалака, мустаҳкам кардани алоқаҳои илмӣ бо донишкадаву марказҳои бонуфузи илмии хорич нигарондааст.

А. ТӮХТАСИНОВ.

Маъруф Отахонзода

Сайр ва кашфи Чодак

Дунё ба мисоли як саройи ду дараст
Ҳар рӯз дар ин сарой қавли дигар аст.

Ин шоҳбайт дар пештоқи музеи санъати меъмории Тошкент мунаққаш аст. Мурод аз иқтибоси ин байт ҳамин, ки диёри мо як куҳназаминест. Шоҳиди ҳазорон ҳодисаю воқеаҳои таърих аст. Ҳар як кунҷу канораш — як саҳифаи таърих. Монасли имрӯз, оё аз он хабар дорем? байти ба ёд оварда аз кист ва дар кадом замон ба ин зебой мунаққаш дар Тошкент аст. Ё худ мавзеъҳои машҳури пойтахт: Самарқанд-дарвоза, Чорсу, Хадра (ҳадди роҳ), Саҳбон (сагбон),Ялангоч, Ҳасанбой, Бодомзор, Себзор, Анҳор... инчунин ҳар кадом таърихе доранд.

Таърих; Дарси вай ниҳоят ҷолиб ва пурҳикмат аст. Афсӯс, ки мо ба ин чиз камаҳмиятем. Худи ман шунида будам, ки дар Тошкент ва гирду атрофи он чаҳор ҳафриёт то ба қарибиҳо идома меёфт. Якеи он — «Шоштеппа» (дар наздикии Янгийӯли ҳозира), дигараш дар Бинқатти қадима. (гирду атрофи мадрасаи Кукалтоши пойтахт), ҳамчунон дар ду «Оҳтеппа», ки якеаш маҳз дар Юнусобод будааст. Аз назди ин ҷойҳо борҳо мегузаштем, вале аз асрори ин «теппаги» ва заминҳои гирди он бехабар будем... Гузашта аз ин, солҳои нав ба Тошкент омадан, ҳариб тамоми ҳамин мавзеъ — Юнусобод боғу токзорҳо буд. Акнун, дар ҷои ин боғу бӯстонҳо иморатҳои серошёна қад рост намудаанд. Хайёми Нишопурӣ чи хуб ҳикмате дар ин боб суруда:

Дӣ кӯзагаре бидидам андар бозор,
Бар тозагиле лагад ҳамезад бисёр.
В-он гил ба забони ҳол бо ӯ мегуфт:
«Ман чун ту будам, маро ту неку медор...»

Як назари сатҳӣ ба таърихи Чоч ва атрофи он

Бинкат шаҳри асосии мулки Чоч, як фарсах (6-8км) масофа дошт. Атрофи он бо девори ду қабата муҳосира буд. Дар дохил ва беруни он боғоти зиёд,обод буд. Аз ду тарафи девори қалъаи ин шаҳр ду дарвозаи муҳташам дар дохили он қасри ҳукмдор, зиндон ва бозорҳо...Шаҳристони он бо се қабат девор иҳота буд, ки он се дарвоза ва низ бозорҳо дошт. Бозорҳо ҳамчунин дар Работ буданд. Работ аз ду қисм иборат буд. Работи дарунӣ аз девори баланд ва даҳ дарвоза иборат буд. Работи беруна аз 7 дарвоза. Аз даруни шаҳристон ва работ анҳор меҷуҳашт. Дар Бинкат танга сикка мезаданд, ки аксаран аз мис ва баъзан аз нуқра мебуд.

Дар тамоми Чоч з рӯи маълумоти муаррих Истаҳрӣ-27 ва аз рӯи маълумоти мӯқаддасӣ-34 дарвоза будааст.

...Роҳи асосии омадан аз Самарқанд аз тариқи марзи Истаравшан (Хавос) буд, ки аз Сирдарё убур мешуд. Дар наздики бандар, дар соҳили дарёи Оҳангарон шаҳри Бинакат, ки баъдан Шоҳрухия ном гирифта буд, ҷой дошт. Аз он ҷо як роҳ ба Илак, дигар ба Чоч мебурд... Дар ин роҳ шаҳри аз нигоҳи бузургӣ-дуюми Чоч - Харашкат (шаҳраки Канка дар соҳили Қаросу, маҷрои Оҳангарон) буда бошад, шаҳри дуюм - ш. Худоинкат (дар ҷои ш. ҳозираи Оҳқӯрғон) шаҳри сейуми азими Чоч - Шутуркат) боқимондаҳои ин шаҳр дар ҳафриёти «шоштеппа», марбути Эски Тошканд) будаст. Он дар наздикии ст. «Пахта»-и ҳудуди Янгийӯл кашф шудааст. Ин ҳафриёт таърихи 2500 сола доштани пойтати Ӯзбекистонро собит кардааст.

Роҳи дигаре, ки ба Шутуркат аз Дизаки ҳоки Истаравшан меомад ва Сирдарё меҷуҳашт, Чинанчкат (Чиноз) ва шаҳраки насронинуфус Бинкард буд. Ҳамчунин дар атрофи Шутуркат шаҳракҳои Залтикат (Зангиотаи имрӯза), Банункент (вайронаҳои Нӯғайқӯрғон, дар ҷанубу ғарби Тошкент) қайд шуда.

Агар манобеъ рӯгардон намоем, бисёр номҳои кайҳо фаромӯш рафта, ба дигар шакл даромадаро мебинем. Ҳамин тавр, дар таърихи беш аз ҳазорсолаи Чоч, ки ба даври гул-гулшукуфии фарҳанг дар ин минтақа рост меояд, назар афканем, маълум мешавад, ки Пискенти ҳозираро-Бискант, воҳаи Чирчиқро - Парк (дарёро-Паррак) номидаанд. Дар ин ҳудуд қасри машҳури сикка задани пулҳои даврони Сомониён ҷойгир буд. Дар ҷои Тӯйтеппаи ҳозира археологҳо шаҳри азими Навкатро аниқ намудаанд. Зарканти имрӯзаро дар он вақтҳо Заранкат ном бурдааанд.

Дар ин гирду атроф бисёр дучор омадани истиллоҳоти ба забони-дарӣ наздик албатта бе сабаб нест. Агар дар ҳудуди Моваро-ун-наҳр ва Хуросон дар қарнҳои IX-XI Сомониён ба салтанат омада бошанд, то ин замон дар ин ҳоку замин Тоҳириён (821-873), Саффориён (то с.910) ҳукмрон будаанд.

Аммо давраи Сомониён давраи ренесанс- эҳёи фарҳанг ба шумор меравад. Ин замоне буд, ки ҳам санъату мусиқӣ ва ҳам саноату кишоварзӣ ва ҳам равобити байни кишварҳои ҳамсояҳои дур ва наздик хеле ва хеле дар авҷ буду мардум ба осудагӣ ва масаррат умр ба сар мебурданд. Ва он замон ба Чоч ва Истаравшан яке аз чаҳор писари Сомонхудот-Яҳё ҳукмрон буд. (Аҳмад ибни Асади Сомонхудот ба Фарғона, Илёс ба Ҳирот, Нӯҳ ба Самарқанд ҳоким таъин буданд. Ҳамин ҳам маълум, ки Исмоили Сомонӣ баъди ба сари салтанат омадан, халқро аз таъмиру эҳмири девори қалъаи Бухоро озод кард ва гуфт, ки аз ин баъд девори миллат-манам!)

Сулолаи Сомониён: Нӯҳ ибни Асад (819-842), Аҳмад ибни Асад (842-864), Наср I ибни Аҳмад (864-897), Исмоил ибни Аҳмад (897-907). Аҳмад ибни Исмоил (907-914), Наср II ибни Аҳмад (914-943), Нуҳ I ибни Наср (943-954), Абдумалик ибни Нуҳ (954-961), Мансур I ибни Нӯҳ (961-976), Нӯҳ II ибни Мансур (976-997), Мансур II ибни Нӯҳ (997-999) чунин бошад ва дар ин бора гуфтаанд:

Нӯҳ тан буданд з-оли Сомон,машҳур,
Ҳар як ба вилояте, шаҳре мазкур.
Исмоилу Аҳмад, ду Насру
Ду Нуҳ, як Абдул Малик, ду Мансур.

Ва агар боз каме дуртар назар афканем: то ба замони сомониён дар сарзамини мо таърих киҳоро ба тахти салтанат нишондааст?

Дар соли 329 (пеш аз милод) Искандари Мақдунӣ Бухороро забт кард ва то асри II милодӣ ҳукм ронд. Баъд, Бухороро то асри IV милодӣ дар ҳайати давлати Кушониён мебинем.

Аз асри V давлати Эфталитҳо омадаанд. Аз соли 709 арабҳо ба ин сарзамин сар мехалонанд. Фақат баъди 165 соли дигар, дар с. 874 Сомониён ба сари ҳокимият мебароянд. Дар соли 199 аз Еттисув Қарохониён омаданд. Онҳоро Қарохитоиҳо маҳв мекунанд...

Дар соли 1207 (08) Хоразмшоҳиён салтанатро ишғол менамоянд.

Ҳуҷуми Чингиз ба Бухоро дар соли 1220 сабт шудааст, дар «Таърихи Наршахӣ» (Таърихи Бухоро). «Аз соли 1370 империяи Темуриён соҳиби шаъну шӯҳрат мешавад. Сулолаи кӯчиёни шайбонӣ дар соли 1506 ба тахти ҳукумати Бухоро мебарояд. Аммо дар охири ҳамон садсола Бухоро ба дасти Аштархониҳо гузашт. Дар соли 1740 шоҳи Эрон Нодирхон Бухороро забт мекунад. Ва Муҳаммад Раҳимро ба ин ҷо амир таъин мекунад. Баъди ин, аз соли 1753 сулолаи манғитиён сар шуд, ки то соли 1920 давом ёфт.

Ва ҷуз аз ин маълум аст, ки ба Бухоро, Моваро-ун-наҳр аз Чин ҳам лашкар омадааст. Дар бораи омадани сайёҳони Чин таърих гувоҳӣ медиҳад. Ҳамчунин аз ин манотиқ ба Чин ба ягомо бурдани тилло ва дигар боигариҳо маълум аст. «Саёҳати Чжан Сзян дар мулки Даванҳо» (а.а.II-I пеш аз М.) як бурҳони қотеъ аст.

Искандари Мақдунӣ агар одилу раъиятдӯст мебуд, дар таърих номи «зулқарнайн» намегирифт. Чингизу муғулҳои истиллогар фақат аз чиҳати манфӣ «машҳури» ҷаҳон гаштанд. Бедодгариҳои Қарохониёну Қарахитоиҳо инчунин ҳадду канор надошт...

Пас, бешак, ҳар як санги ин диёр шоҳиди садҳо воқеаю ҳодисот аст.

Муаллифи китоби «Чодак», ки қаблан ёдрас будем, ба хотир оварда менигарад, ки дар Чодак китобе ба дасти ӯ афтода буд, ки вайро Кӯҳи ном шахс навишта будааст. Дар он, таърихи Чодак 4484 сол зикр шудааст. Ӯлмас Баҳромзода барои тақвияти фикри хеш дар бобати мавҷудияти ин китоб чунин далел меоварад: «Мо дар «хонаи муаллимон» ҳамон китобро мутолиа мекардем. Як маҳал занг шуд. Муаллим китобро пушиданд ва онро болои тахтаи назди тиреза гузоштанд. Ҳама ба дарс даромадем. Тасодуфро бинед, ки ҳамон сол як муаллим «дар мо низоми интихобот риоя намешавад», — гуфта шикоят навишта будааст. Худи ҳамон рӯз аз ташкилоти партиявии вилоят барои санҷиши он шикоят комиссия омад, ки сардори он мудири шуъбаи комитети партиявӣ Розиқов буд. То ёфта омадани одамони масъул он китоб ба дасти аъзоёни ин комиссия афтида монд. Ҳамин баҳона шуду «корҳои идеологӣ дар мактаб суст ба роҳ монда шудааст». Ҳама камбудиҳои соҳаи мафкуравӣ дар ана ҳамин китоб аст, — гуфтанд ва савияи дониши муаллимонро паст баҳо доданд. Ҳомидҷон-акаро аз кор гирифтанд. Муаллиме, ки забонҳои арабию форсӣ, тоҷикию ӯзбекӣ ва немисиро ба хубӣ медонист, ба Тоҷикистон рафт. Ӯ ба Академияи илмҳо ба кор даромад. Аммо китоб бе нишон гум шуд.»

Бо вуҷуди ин, ба фикри мо, Чодак шаҳри ниҳоят қадима, ёдгориҳои дар ин ҷо аз замони суғдҳо боқӣ монда, дар шакли Муғхонаҳо, даҳҳо истиллоҳоти суғдӣ ва хитоӣ, топоними мавзеъ метавонанд,чун далел хидмат намоянд.

Аз Чоч то Поп

Дар хусуси Поп ҳаминро бояд гуфт, ки дар манбаъҳои таърих номи ин шаҳр «Боб» навишта шудааст. Ҳамчунин, ахиран маълум ва собит шудааст, ки Косони имрӯза ҳамон Кушон будааст. (Муррихи чиной Бей Шу навиштааст, ки пойтахти мулки қадимаи Даван - Гуйшан мебошад.

...Гуйшан-Гесай номи чинӣ аст ва ин Косонсой мебошад. — Тасдиқ менамояд Бартольд: Бернштамм: «Маркази сиёсии онваҚтаи кишвари Фарғона ш.Косон ба лафзи чинӣ Гуйшан, яъне Кушон...Касони қадим дар сарҳади фарғонаи муқимнишин ва қабилаҳои кучманчӣ дар водии доманаи қаторкуҳҳои Чотқол, ки баландиҳои Алобуқо ба водии Фарғона пайваста аст, ҷойгир...»

Ба ҳамин қадар андешаҳои андӯҳта мебароем аз Тошканти азим сӯи кӯҳи баланд, сарзамини Давонҳо. Алҳол ин роҳ, яъне аз Тошкент то Намангон на мисли пешина аз роҳи Бекободу Ҳуҷанд, дурудароз, аммо ҳамвор, балки аз Тошканд аввал 60 километр ба роҳи рости равон ба Оҳангарон меравед, баъди 50 километри дигар раҳ паймудан ба Ангрен омада мерасед. Баъд, сар мешавад роҳи «Давон», яъне ағба. Ҳамагӣ аз 200 километр андаке бештар масофа аст.

Албатта хоҳед пурсед, ки ин ду шаҳр чаро ба маънӣ як менамоянд. Оре, дар асл ҳам яканд. Ангрен. Ин шакли шикастаю ба русӣ вайроншудаи «оҳангарон» мебошад. Дар ҳоле, ки баҳри тоза намудани забони адабии давлатӣ кӯшишҳои зиёд ба харҷ медиҳанд ва ба ҳамин асос дар бисёр ҷойҳо аз «сартарошхона»-ҳои қадима «сартарошлик» ба вуҷуд оварданд, «қабристон»-ҳоро ба «оромгоҳ» табдил дода аз «милисионер», «миршаб» сохтаанд, албатта номи Ангрен ҳам ба ҳуд маънӣ мегирифтагист.

Мошин ба роҳи ҳамвор беозор пеш меравад. Раҳорах чашми кас ба ин навиштаҳо меафтад: Ғалла-кӯдуқ, Бешкӯл, Нӯғайқишлоқ, Карахитой, Нуробод, Серка қиралиди, Танга топди... Ин номи деҳу қишлоҳҳои сари роҳанд ва ҳар кадом як саҳифаи таърихи қадимаи аждодонанд...

Баъди воқеъаҳои 11 сентябр дар роҳҳо постҳои назорат зиёд шудаанд. Аз шаҳр пеш аз баромадан, баъди чанд фосилаи дигар боз, (гоҳо байни онҳо низ) ба назоратчиён рӯ ба рӯ омадан мумкин. Ҳамин тариқ, мо аз Қӯйлиқ аз пости «Кӯли роҳат» ва баъди он боз аз як чунин пости санҷишӣ гузашта ба дуроҳаи Оҳангарону Олмалиқ омадем. Ба тарафи чап, сӯи Оҳангарон пешхидматон ба ҳар як аз онҳое, ки дар дохили мошин буданд, назар карда «роҳи сафед» металабанд. Ҳамин тавр ду-се пости Оҳангарон ҳам паси сар мешаванд. Дар Ангрен шиносномаҳои мусофиронро низ месанҷиданд, он рӯз

Аз Ангрен кӯҳҳои сар ба фалак кашида, дар паси мӯриҳои пурдуди заводҳои истихроҷи тилло, ва барқ хеле наздик менамуданд... Ин, албатта сароб. То расидан ба қуллаи ин кӯҳ ва баромадан ба қуллаи он, ки алҳол ду туннел аз он кофтаанд, хеле роҳ ва вақт ҳаст. Чунки, ин роҳи давон! Раҳи ағбаи Камчиқ.

Камчиқ чи маънӣ хоҳад дошт? Албатта аз дил шояд гузаронидед?

Баъзеҳо мегӯянд, ки аз ду маҳфуми туркӣ («кам» ва «чиқ» яъне баромадан) таркиб ёфта бошад: Качу килебии онро ба камчин монанд гуфта чунин ном ниҳодагӣ хоҳанд буд, — мегӯянд дигарон.

Дар асл, «Камчик» аз забони хитой сарчашма мегирад. Он аз «кам»-баландӣ, дунгӣ, ва «чао»-роҳ таркиб ёфта будааст, ки ба маънӣ «роҳи ағба» мешавад.

Пеш аз сар шудани роҳи Ағба дар ҳудуди байни вилоятҳои Тошканду Намангон суръати мошинҳо хеле паст мешаванд. Ишораи роҳ ҳаминро таҚозо мекунад. Баъд, пост пеш меояд. Ин ҷо аз назоратчиёни ҳаракати нақлиёт дида нозирони умури сарҳадд бештар масъул менамоянд. Онҳо ҳатман аз ҳар мусофир шиноснома мепурсиданд. Санҷиш албатта, бе мушкилот гузашт. Мошини мо низ «нолакунон» аз паси қатори корвони мошинҳо ба роҳ сангпуштвор ба ҳаракат медарояд.

Аз қуллаи кӯҳ, аз даҳони туннел агар ба поён назар намоед, мошинҳо ҳачман хурд, чун ғӯирдқуттӣ ва ҳаракаташон мисли хазидани сангпушт менамоянд. Яке манзараи дилфиреб. Ва бешак, ба роҳсозоне, ки то ба имрӯз баҳору зимистон машғули коранд, аҳсант мегӯем.

Охир ҳамин роҳсозонанд, ки ба шарофати кори онҳо ин қадар мусофирон аз пойтахт ба водӣ (ва баръакс) омада мераванд. Мегӯянд, ки пеш дар як рӯз аз Тошкент 300 автобус сӯи шаҳрҳои водӣ ба роҳ мебаромад. Бар илова, поезд ҳам буд. Акнун автобусҳои калонҳаҷмро «Дамас»-ҳо, ба ҳамин монанд дигар навъ нақлиёти тезрафтор иваз намудааст. Ҳанӯз ба ин роҳ барои гаштани автобусҳои мусофиркаш рухсат нашудааст.

Оянда ин Роҳи бузурги абрешим то Қароқурум мерасад. Мувофиқ ба талаботи стандарти ҷаҳонӣ ҳоҳад шуд. Нақшаи давлат чунин аст. Суръати корҳо нишон медиҳанд, ки он рӯз дур нест.

Сабаби дар мобайни сарҳади ин ду вилоят будани марзбонон ҳамин, ки дар ин ҷо ҳам сарҳади Қирғизистон наздику ҳам сарҳади Тоҷикистон. Ҳамин тавр, яке паси дигар навиштаҳо ба чашм мерасанд: Равзак, Саврак, Резаксой (Равзаксой), Савраксой, Пунгон, Поп. Чи исмҳое аз чиҳати оҳанг ва мантиқ ва шакл ба ҳам наздик...

Чун роҳ аз қулла сарпоён буд ва мошин мисли аспе, ки «марраро» гирифта бошад, медавид, кам монда буд, сӯи Кӯҳанд гузашта равем. Ишораи «Поп» моро аз он ба тарафи чап раҳнамун гардонд. Ки аз ин раҳ то Попу Чуст, Косонсою Намангон ва Чодак расидан осон аст.

Чорроҳае «Ғолиб» ном дошт. Бозорчаю дӯкончаҳо, истгоҳу постҳои назорати нақлиёт ва сарҳадӣ дошт. Аз он гузашта рост равем ба Ғурумсарой мерасад. (Ҳатман решаи ин «Ғурм» аст, ки тарҷимааш: меши кӯҳӣ, ғӯсфанди кӯҳӣ дар аввал ва маъноии дуюмаш зиён, зарар мебошад. Ҳар ду маъниӣ мантиқан ба мавзеъ, ки таърихист, рост меояд). Ва агар ба тарафи чап давр хӯрем ба Чодак меравед. Ҳамон Чодаке ки Мавлоно Муқимӣ ба сайри он рафта буд. Чиноиҳо, мақдуниҳою чингизиён ба он ҷо барои кашфи тилло рафта буданд. Маодини бисёр аз ин ҷо ба ягмо рафтааст.

Истиллоҳоти чинӣ дар Чодак

Камчик, Камчиқсой. Тавре дар боло баён дошттем аз маҳфуми «кам» - баландӣ ё дунгӣ ва «чао»-роҳ иборат аст. Дар ин ҷо аз қадим боз ҷоеро ба номи »Чилғаи Ҷинлайн» меномидааанд. Ҳол он ки: «Чин» - тилло ва «лай» - ёфт шуд тарҷима мешавад. Аз ин ҳам муҳимаш ҳамин, ки дар ҳамин ҷой кони машҳур «Олтинкон»-и кунунӣ ба вуҷуд омадагӣ. Он аз соли 1962 боз мавриди истифода (чун манбаи истихроҷи маҳсулоти хом) қарор гирифтааст. Тавре мардум, коргарони ин кон шаҳодат медиҳанд, аз дохили шахта то ба ҳол чандин навъ аз олоти қадимаи истихроҷи тилло, ба монанди меҳҳои оҳании кӯҳшикофӣ чакушҳои сангӣ, сутунҳои аз чӯби арчабудаи тиргакбоб ёфт шудаанд.

Маҳаллеро дар Чодак «Бӯзчиниён» меноманд. Онро гоҳо «Бачиниён» гуфта низ талафуз менамоянд. Маҳаллаи дигарро «Охунон» ном ниҳодаанд. Сокинони ин маҳалла аслан аз Кошғар буданд. То ба ҳол дар пазандагӣ машҳур.

Роҳеро дар болотар аз маҳаллаи Мингак (Минкак) имрӯз ҳам «Хитойафга» мегӯянд.

«Кандигонсой» инчунин лафзи хитой буда аз «канди» - маодин ва «гони» - бисёр таркиб ёфтааст. Қабристонеро дар мазори сафедак «ғӯри қипчоқон» ном ниҳодаанд.

Бино бар баъзе ривоятҳои дар ин маскан то ба ҳол мавҷуд замоне барои истихроҷи кони тиллои Чодак хитоиҳо аз қувваи коргарони аҷнабӣ фаровон истифода кардаанд. Дар байни онҳо ғуломони аъробу африкой низ будаанд. Мегӯянд, ки дар қисмати оҳтоббарои Кандигонсой қабристонеро ғӯри ғуломон мегуфтаанд. Осори ин қабристон (қабристони ғуломон) майдони қариб ду гектарро фаро мегирад. Иддае аз ғуломони дар ин ҷо монда бо мурури замон бо аҳолии маҳаллӣ махлут шуда мераванд. Аз наслҳои ҳабашҳои африкоию ҳиндуҳо ва хитоиҳо ҳанӯз ҳам ба мушоҳида мерасанд. Аз нигоҳи антропологӣ ин хел одамонро фарқ намудан чандон мушкил нест.

«Хуллас, — менависад Ӯ. Баҳромзода, дар китоби ҳуд, — аз манзилгоҳҳои кӯҳпоя то наздикии Уйғурқишлоқи Поп ин гуна оилаҳои хитой анча мебошанд». Кирчин, Ғурумсарой, Чоркесар (Чоркавсар) Саврак барин мавзеъҳои Чодак, ҳамчунин маҳаллаҳои Паррак, Ӯрда, Равзак, деҳаҳои Шунавоз (Шунав овоз), Мазор, Дуоба, Саврак, Чоркесар (Чоркавсар) чойҳои таърихӣ ва барои тамошо диданӣ, манзараҳои дилфиреб доранд.

Номҳои бисёр ҷуйбору сойҳо инчунин қобили таваҷҷӯҳанд. Нигаред:

Сойи Сангсоланг (дар Афғонистон, «Соланг» ағбаи мушкилгузаре аз кӯҳи Ҳиндукуш) Сойи Ғойинди:

Резаксой, Чодаксой, Эгрисой, Шаршарасой, Кандигонсой... Инҳоро идомаи кӯҳҳои Қурама ва Тяншон меноманд.

Чашмаҳои Хушоб, Токак, Пагдибобо...

Чӯи заршӯй, Чӯи таккачӣ, Чӯи лангар, Чӯи Мазори Сабр...

Агар дақиқ назар намоем, навиштаҳои сайёҳ, олими чиной- Чжан Сзянро (а.а. II-I то милод) аз китобаш «Саёҳат ба мулки Даванҳо») ба назари эътибор гирем, муаллими чодакӣ Баҳромзода оиди таърихи Чодак дар асосии китоби Кӯҳӣ Чодак аз шаҳрҳои қадимтарини минтақа маҳсуб мешавад. Он бояд диққату эътибори муаррихони касбиро ба ҳуд ҷалб намояд.

Мавзӯи забони тоҷикони Чодак ва деҳоти гирду атрофи вай, расму оини онҳо, таърихи мазорот, зиёратгоҳу қадамҷои бузургон дар Чодак боз як мавзӯи қобили таваҷҷ



Дар шаҳри Кӯқанди вилояти Фарғона ёдгориҳои меъмориву таърихӣ хеле бисёранд. Солҳои охир барои тармиму тачдиди онҳо маблағҳои зиёд харҷ гардида, ин биноҳо аз вайроншавӣ ва харобазор орӣ гаштанд. Аз он ҷумла, хонаи Ведяев алҳол дар ихтиёри ҳокимияти шаҳр мебошад. Дар бобати ба асли худ овардани ин бино алҳол корҳои тачдидӣ идома меёбанд.

Дар бинои пештараи Рус-Осиё бонк бошад, алҳол шӯъбаи кӯқандии «Пахтабонк» ҷойгир шудааст.

Дар суратҳо: Намудҳои зоҳирии ин биноҳои таърихӣ.

Аксбардор: Т. МАҲКАМОВ.

Мухтасари ахбори расмӣ

Маҷлиси навбатии Кенгаши ҷумҳурии мутобиқгар оид ба рағбатноксозии рушди соҳибкории хурду миёна таҳти сарпарастии ҷонишини Нахуствазири ҷумҳурият, раиси кенгаш Рустам Азимов шуда гузашт. Дар он ҳисоботи гурӯҳи корӣ оиди ҷонибдории молиявӣ ва бо вом фарогирии соҳибкории хурду миёна шунида шуд. Зикр ёфт, ки дар семоҳаи аввали соли кунун ҳаҷми вомҳое, ки бонкҳои тичоратӣ ба субектҳои соҳибкории хурду миёна ҷудо кардаанд, нисбати ҳамин давраи соли гузашта 36 миллиард сӯм, ё ҳуд 1,6 маротиба зиёд мебошад. Дар айни замон истифодабарии хатҳои вомгузории мамолики хоричӣ дар минтақаҳо мувофиқи талаби замон нест. Аз он ҷумла, дар давраи сипаришудаи соли кунун дар вилоятҳои Андиҷон, Бухоро, Ҷиззах, Қашқадарё, Намангон, Сурхондарё, Сирдарё, Тошканд ва Хоразм лоиҳаи сармоягузорӣ бо иштироки сармоягузорони хоричӣ ба ичро расонда нашудааст. Фаъолияти як қатор бонкҳои тичоратӣ дар бобати ичро накардани дурнамоиҳо зери тозиёнаи танқид гирифта шуданд. Дар ноҳияҳои Оққӯрғон, Арнасой, Фориш, Тирмиз, Музробод мавҷуд будани як қатор муаммоҳо оиди ҳифзи ҳуқуқии тадбиргарон, рушди инфрасохтори бозаргонӣ, бархурдор будан аз захираҳои моддиву ашёи хом ба забон гирифта шуданд.

Қарорҳои дахлдор қабул гардиданд.

❁❁❁

Маҷлиси Комиссия оид ба корҳои ноболиғони назди Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ба амал омада, таҳти сарпарастии Додситони кулли ҷумҳурият, раиси комиссия Р.Қодиров гузашт. Дар он масъалаҳои алоқаманди ичрои қонунҳо дар соҳаи таълим, тандурустӣ ва таъмини иҷтимоии муассисаҳои махсуси бачагонаи вилоятҳои Ҷиззах, Қашқадарё, Сурхондарё, ҳамчунин пурзӯр кардани пешгирии қонуншиканӣ ва ҷиноятҳорӣ дар байни ноболиғон мавриди баррасӣ қарор гирифта, дар ин бора иттилои аъзои комиссия, раиси кумитаи Олий Маҷлис оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ ва шуғл М.Сафоева шунида шуд.

Дар он зикр гардид, ки дар вилоятҳои мазкур дар ин бобат корҳои муайяни мусбӣ ба ичро расонда шудааанд. Вале дар маҳалҳо дар ин бобат ба камбудиҳо роҳ мегузоранд, имкониятҳо пурра истифода намегарданд. Махсусан ин ҳолат дар ноҳияҳои дурдаст ба чашм мерасанд.

Тавсияҳо оид ба бартараф сохтани камбудиҳо дода шуданд.

❁❁❁

Маҷлиси умумии Иттиҳоди эҷодии мусавирони Ӯзбекистон ба амал омада, таҳти сарпарастии раиси Фарҳангистони бадеӣ Турсуналӣ Қӯзиев гузашт. Дар маҷлис ҷонишини Мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Аҳмадҷон Мелибоев суханронӣ кард.

Дар маҷлис фаъолияти сексияҳои санъати тасвирӣ, ҳайкалтарошӣ, дизайн, санъати амалии халқӣ, ҳамчунин шӯъбаи қароқалпоқистонии иттиҳоди эҷодӣ таҳлил гардида, нақша ва вазифаҳои минбаъда муайян гардиданд.

❁❁❁

Дар Қаршӣ семинар бахшида ба муаммоҳои ҳифзи ҳуқуқи модарон ва кӯдакон ба амал омад. Дар он духтурон ва ҳамшираҳои шафқати пунктҳои духтурии деҳот ва амбулаторияҳои духтурии деҳот иштирок намуда, таҷриба иваз карданд, бо усулҳои нави кор оиди ҳифзи модарон ва кӯдакон ошно гардиданд.

(ЎзА).

Доруву дармон барои куҳансолон

Қарори 24 январи соли равон қабулшудаи Девони Вазирон «Дар бораи барномаи давлатии «Соли ҳифзи манфиатҳои калонсолон» дар гузарондани тадбирҳои муайян оид ба минбаъда пурзӯр гардондани ҳифзи иҷтимоии одамони солхӯрда, ҷонибдории моддиву маънавии онҳо ҳуҷҷати муҳими барномавӣ мебошад. Дар қарор инчунин бо доруворӣ таъмин кардани куҳансолони яккаву танҳо, нафақахӯрон ва маълӯлон, ба онҳо расондани хизмати иҷтимоӣ пешбинӣ шудааст.

Дар ин бобат корҳое, ки дар консерни давлатии саҳҳомии «Ӯзфармсаноат» ба амал бароварда мешаванд, ҷолиби диққат аст. Мувофиқи барномаи давлатии «Соли ҳифзи манфиатҳои куҳансолон» дар консерни мазкур ва дар корхонаҳои вай тадбирҳо ва нақшаҳои хосса таҳия шудааст. Баробари ин рӯихат тартиб дода ва ҳаҷми истеҳсоли доруворӣ, ки ба дарди

куҳансолон марҳам мегардад, ба нақша гирифта шудааст.

Дар семоҳаи аввали соли равон барои соҳаи тандурустии ҷумҳурӣ ва аҳолӣ 1,22 миллион дорувории шартии қадоқкардашуда, ки ҳаҷми умумиашон 267,5 миллион сӯм мебошад, тайёр карда мешавад. Ин нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 46 фоиз зиёд аст.

Тайёр кардани доруҳо барои куҳансолон аз ашёи хоми маҳаллӣ, хусусан аз растаниҳои доруворӣ аҳамияти муҳим дорад. Аз ин рӯ дар консерни «Ӯзфармсаноат» аз чунин воситаҳо 405,5 ҳазор дорувории қадоқкардашуда дар намуди шарбат, қиём истеҳсол карда шудааст. Инчунин дар тамоми дорухонаҳои мамлакатамон ба истеҳсоли 20 номгӯй доруворие, ки ба одамони синну солашон ба нафақа наздик заруранд, эътибори ҷиддӣ медиҳанд.

Н.УСМОНОВА,
мухбири ЎзА.

Гул бе рухи ёр хуш набошад...

Акси манзаравии Турғунбек МАҲКАМОВ.

Лотереяи грин-карт чист?

Дар ин авохир таваҷҷӯҳ ба мамлакати аз ҳама сарватмандтарини ҷаҳон, ба қавле абарқудрат (супердержава) ИМА — Иёлоти Муттаҳидаи Амрико хеле зиёд мешавад. Ҳама мехоҳанд ба тамошои ин мамлакат ҳеҷ набошад як бор раванд. Аммо аз назари имконоти молиявӣ на ҳама қодир аст ин корро анҷом бидиҳад. Барои ба Амрико рафтан 42 хели раводиди мавҷуд аст. Раводиди хонандагӣ, донишҷӯӣ, сайёҳӣ, сармоявӣ, корӣ, илмӣ, соҳибкорӣ ва ғайраву ғайра. Ҳоло бисёр ҷавонони лаёқатманди ӯзбекистонӣ дар донишгоҳу коллежҳои гуногуни саросари ИМА таҳсили илм мекунанд. Хеле ӯзбекистониён аз ширкатҳои гуногун намоянда мебошанд, дар заводу корхонаҳо, муассисаҳои илмӣ, истеҳсолӣ ҳам аз ҷумҳурии мо кор мекунанд. Пештар замони Шӯроҳо дар бораи сафар ба мамолики сармоядорӣ орзу кардан ҳам хатарнок буд. Дар ин бора касе овоз баровардa гап намезад.

Аммо истиқлол тамоми ишкелу занҷирҳоро пора-пора кард. Ҳоло аз рӯи имконият ба ҳар ҷое, ки мехоҳед, рафта метавонед. Имрӯз ӯзбекистониёнро қариб дар тамоми гӯшаю канори ҷаҳон, аз ҷумла ҳамаи шаҳрҳои калони ИМА дидан мумкин. Ӯзбекистониёне, ки дар ин кишвар муқимӣ зиндагӣ мекунанд, кам нестанд.

Аммо шаҳрванди Амрико шудан кори осон нест. (Дар Амрикои шимолӣ ва ҷанубӣ мамолики зиёде ҳастанд. Мо бо ибораи Амрико бештар Иёлоти Муттаҳидаи Амрикоро дар назар дорем). Ин кишвар ҳамаро ҳам қабул намекунад. Бо вуҷуди ин дар ин ҷо намояндагони беш аз 160 миллат зиндагӣ ва кор мекунанд. Ҳукуматдорони ИМА ҷидду ҷаҳд ба харҷ медиҳанд, ки таносуби дигар миллатҳои ҷаҳонро баробар кунанд. Ҳар сол ба ИМА бо роҳҳои гуногун садҳо ҳазор муҳоҷирон меоянд. Гарчи дар ин кишвар бекорон ҳастанд, норасоии қувваи корӣ доимо ҳис карда мешавад. Аз ин рӯ ҳар сол департаменти давлатӣ бо роҳи қонунӣ ба 50 ҳазор нафар иҷозаи муҳоҷират медиҳад. Орзумандони дидани ИМА аз кишварҳои гуногун барои ба даст овардани ин ҳуқуқ муборизаи ба ҳуд хосе мебаранд. Ин ҷойҳо бо роҳи демократӣ тавассути лотереяи грин-карт ба миён партофта мешавад. Ҳар сол дар бозии лотерея тақрибан 10-12 миллион нафар иштирок менамоянд. Бисёр хонандагони рӯзнома дар ин бора маълумоти муфассалтаре гирифтаанд. Банда бикӯшид хеле маводе, ки аз рӯзномаҳои Амрико (ИМА) ҷамъ овард, ба таври фушурда, аммо ба саволҳои бамиёнамада посухдиҳанда намуда, ба хонандагони арҷманд пешкаш намояд. Барои намуна бозии лотереяи гузаштаро мегирем.

Инак грин-карт чист? Грин — сабзу карт карта аст. Яъне картаи сабз, ҳуҷҷати сабз, ҳуҷҷате, ки иҷоза медиҳад, роҳҳате, ки барои 5 сол ба ИМА муҳоҷирату зиндагиву кор кардан аст. Ба барандагони лотерея имтиёзҳо ҳам медиҳанд.

Грин-карт аз авохири солҳои 80-ум ҷорӣ гардидааст. Тавре ки дар боло зикр кардем, дар он қариб аз ҳамаи мамлакатҳо тақрибан 10-12 миллион нафар одамон иштирок менамоянд. Грин-картро барномаи федералии «Раводидҳо барои муҳоҷирони миллатҳои мухталиф» ҳам меноманд. Ва мақсад аз он баробар кардани ҳайати миллии ИМА аз ҳисоби давлатҳое, ки аз онҳо муҳоҷирати солона аз 50 ҳазор нафар камтар аст. Ҳамин тариқ шаҳрвандони Канада, Ҷумҳурии Халқии Чин, Колумбия, Ҷумҳурии Доминикан, Салвадор, Гаитӣ, Ҳиндустон, Ямайка, Мексика, Покистон, Филлипин, Куриёи Ҷанубӣ, Британияи Кабир ва Ветнам, ки аз онҳо ҳамасола ба ИМА беш аз 50 ҳазор нафар муҳоҷират мекунанд, ҳуқуқи дар лотереяи барномаи федералии «Раводидҳо барои муҳоҷирони миллатҳои мухталиф» иштирок карданро надоранд. Ҳар сол аз ҳамаи даъвогарони грин-карт компютер 100 ҳазор нафарро интихоб мекунад. Аз ин миқдор даъвогарон танҳо нисфашон барои ба ИМА муҳоҷират кардан мушарраф мешаванд (дар баъзе манбаъҳо шумораи онҳо то 55 ҳазор мерасад). Дар лотереяи соли 2000 DV-2002 аз Русия қариб 2,5 ҳазор, аз Украина 5,5 ҳазор, аз Узбекистон 1497 нафар грин-карт бурд карданд. Дар грин-карти порсола (соли 2001), ки DV-2003 ном дорад, чи қадар аз ҷумҳурии мо бурд карданашонро намедонам, аммо бо қоидаҳои иштирок дар лотереяи грин-карт хонандагонро шинос мекунам, ки ҳар сол тақрибан ҳамин талабот гузошта мешавад.

Инак, департаменти давлатии ИМА дар бораи грин-карти навбатие, ки аз соати 12-и рӯзи 1 октябри соли 2001 то соати 12-и рӯзи 31 октябри соли 2001 баргузор гардид, маълумот эълон кард. Барои дар лотерея иштирок кардан ҳамаи ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ҳам ҳақ доранд. Иштирок дар лотерея маҷонист. Онҳое, ки бахташон тофт (100 ҳазор нафар) аз тарафи Kentucky Consular Center дар байни моҳҳои май-июли соли 2002 огоҳноме мегиранд. Ононе, ки бахташон тофту соҳиби лотереяи бурднок шуданд, ҳуҷҷатҳои муҳоҷиратро дар давоми соли молиётии 2003, яъне аз моҳи октябри соли 2002 то 30 сентябри соли 2003 расмӣ кунонда метавонанд. Аз ин рӯ лотереяи соли 2001 бозишуда, грин-карт DV 2003 ном дорад. Дар ҷараёни пур кардани ҳуҷҷатҳои зарурӣ аз 100 ҳазор даъвогар нисфашон мемонанд. Зеро аз тестимтиҳонҳои консулгарӣ аксарият гузашта наметавонанд, аз элак нисфи ҳайат мегузарад.

Гарчи шартҳои гузарондани лотерея мисли пештара бошад ҳам, онҳо торафт такмил меёбанд. Савияи талабот ба иштирокдорони лотерея ҳангоми навиштани аризаҳо хеле баланд шудааст. Яъне аниқ, хоно навиштани ариза барои иштирок дар лотерея ба саволҳо ҷавобҳои дақиқ додан талаб карда мешавад. Даъвогар бояд, ки ба шартҳои лотерея пурра муроот намояд, ки дар поён зикраш меравад:

— аризаҳо бояд, ки ба Kentucky Consular Center байни нимрӯзи 1 октябри соли 2001 то нимарӯзи 31 октябри соли 2001 бирасад (албатта гузашт, вале мо барои мисол гирифтем);

— аризаҳое, ки то фаро расидани ин мӯҳлат ва баъди 31 октябр мерасанд беэътибор дониста мешаванд. Инчунин аризаҳое, ки ба нишониву сӯроғаи ба ғайр аз Kentucky Consular Center равона карда мешаванд, аз назар соқит мегарданд;

— агар шумо аз мамлакате бошед, ки дар рӯихати иштирокдорони лотерея нестед, ғам маҳӯред. Агар ҳамсаратон дар мамлакате таваллуд шуда бошад, ки дар ин рӯихат нест, шумо аз ин истифода бурда метавонед. Яъне дар бозӣ иштирок мекунед. Аммо ҳамсаратон аз мамлакати ҳаққи иштирок надошта бошад ҳам ғам маҳӯред, ҷои таваллуди яке аз волидайн дигар бошад бас, ҳам ба шумо рухсат дода мешавад;

— аризадиҳанда — даъвогари грин-карт бояд, ки маълумоти миёна дошта бошад (ё ҳуд маълумоти ба он баробар) ё таҷрибаи кори дусолаи тахассусеро дошта бошад, ки маълумоти дусоларо талаб мекунад. Чамъи давомати кор панҷ сол бошад, ба мақсад мувофиқ аст;

— аз ҳар як иштирокдор танҳо як ариза қабул карда мешавад; ба марказ фиристодани беш аз як ариза боиси аз бозӣ баромадани даъвогар мегардад;

— ариза барои иштирок дар лотерея бояд аз тарафи маҳз ҳуди аризадиҳанда имзо карда шавад. Даъвогар бояд ба ариза чи гуна имзо гузоштанашро дар хотир дошта бошад.

Даъвогари асосӣ бояд ва ҳатман зери аризааш ҳудаш ва маҳз бо забони модариаш имзо кунад. (Дар ин ҷо алифбою забоне, ки имзо карда мешавад, ба назар гирифта шудааст). Имзое, ки бо сари ҳарфҳои ному насаб ва ҳарфҳои чопӣ гузошта мешавад, аз назар соқит мегардад. Ба замми ин агар даъвогар — аризанависанда ба забони инглисӣ имзо кунад, бояд, ки дар паҳлӯи он бо забону хатти модариаш ҳам имзоро такрор кунад;

— аризае, ки бо дасти ҳуди даъвогари асосӣ имзо нагардидааст ё бо дасти каси дигар имзо шудааст, аз назар соқит карда мешавад;

— навгонии шартҳои иштирок дар лотереяи DV-2003 аз он иборат аст, ки ба ариза натанҳо фотосуратҳои ҳуди даъвогар, балки беистисно ҳамаи аъзоёни оилае, ки ба ариза дохил карда шудааанд, илова карда мешаванд.

Ба рӯи дигари фотосурат бояд фамилия ва санаи таваллуд навишта шавад. Ҳамаи фотосуратҳо бояд дар арафаи иштирок дар бозиҳои лотерея аксбардорӣ шуда бошад. Андозаҳои фотосурат 4 сантиметр ба 4 сантиметр, ба намунаи фотосурати шиноснома мебошад. Суратҳои дигар андоза ва аз паҳлуафтода, бо кӯлоҳу сарпӯш ва айнакҳои тира афтода, аз назар соқит карда мешаванд. Фотосуратҳо сафеду сиёҳ ё ранга буда, аммо тира набояд бошанд.

Агар шумораи фотосуратҳо зиёду ба саҳифаи якуми ариза ҷой нашаванд, онҳоро ба пушти варақ ҳаспондан мумкин. Фотосуратҳоро бо навори ҳаспнок ҳаспондан лозим.

Пуркунии ариза шаклу бланки махсусеро талаб намекунад, онро дар кӯгаи оддии сафед менависанд;

— аризаро дар конверти дарозиаш аз 6 то 10 дюйм (аз 15 то 25 сантиметр) ва бараш аз 3,5 то 4,5 дюйм (аз 9 то 11 сантиметр) равона кардан мебояд;

— ариза бояд ба воситаи почтаи оддӣ бо маркаи қиматаш ба 34 сент баробар равона карда шавад (ин барои мактубҳое, ки дар ҳудуди ИМА тааллуқ доранд ва аз дигар мамолик, аз ҷумла Узбекистон бо маркаи азонихудӣ ва муқаррарӣ фиристода мешавад);

— аризаҳои аз дигар мамлакатҳо фиристодашуда инчунин бояд бо почтаи оддӣ (ғайрисупориш) роҳӣ карда шавад;

— аризаҳое, ки ба тариқи супориш, сертификациашуда, ё ҳуд экспресс-почта, федерал экспресс ирсол мегарданд, барои баррасӣ қабул намешаванд;

— дар як конверт ду аризаро роҳӣ кардан аслан мумкин нест, гарчи аризаҳо тааллуқ ба зану шавҳар бошанд ҳам. Чунин аризаҳо умуман баррасӣ намешаванд;

— ариза бояд дар кӯгаи оддӣ бо хатти дақиқи хоно ё ҳуд матни чопӣ навишта шавад.

Аризадиҳанда бо забони инглисӣ маълумотро дар тартиби зайл бояд нависад:

— фамилия, ном ва номи падар (зери фамилия бояд хат кашида шавад);

— таърихи таваллуд бо тартиби қатъии рӯз, моҳ, сол бояд навишта шавад;

— ҷои таваллуд (бо тартиби зайл): шаҳр, ноҳия, вилоят, кишвар.

Бояд дар хотир дошт, ки ҷои таваллудро бо номи ҳозирааш навиштан лозим, на ба он номе, вақти таваллуд дошт. Масалан, ҷои таваллуд Ҷумҳурии Шӯравии Социалистии Ӯзбекистон. Даъвогари асосӣ бояд навиштани маълумот дар бораи ҳуд ва то навиштани маълумот дар бораи ҳамсар (фарзандон агар аз зодгоҳ фарқ кунад,) номи мамлакати тобеият навишта мешавад.

— Сипас ҳамон маълумотро дар аризаи ҳамсар, ки ҳарду дар никоҳи қонунианд, ё бо ҳамсаре, ки бо ҳам шартномаи сепарейшн бастаанд, бояд навишт; дар ариза бояд ҳамсареро ҳам навишт, ки дар мавриди бурди лотереяи грин-карт ба ИМА муҳоҷират карданро намехоҳад; ба ариза ҳамсаре, ки бо вай никоҳ расман бекор карда шудааст, дохил карда намешавад.

— Ба ариза бояд ҳамаи бачагони то 21 солаи муҷаррад, аз ҷумла бачагоне, ки аз ҳдивоҷи кунунӣ ва пештара, бачагони ғайриникоҳ таваллудшуда ва фарзандони аз тарафи аризадиҳандаи асосӣ бо қонуни мамлакати истиқоматаш писарҳонду духтарҳондшуда ва бачагоне, ки дар ИМА таваллуд ёфтаанду шаҳрванди мамлакати мазкуранд, бояд навишта шаванд.

— Шартҳои иштирок дар лотерея тақозо менамоянд, ки ба ариза фарзандони то 21 солаи муҷарради аз падару модар ҷудо зиндагикунандае, ки агар лотерея бурд кунад ҳам ба ИМА муҳоҷират кардан намехоҳанд, низ бояд дохил карда шаванд.

— Дуруст ва аниқ навиштани нишонӣ хеле муҳим аст. Агар даъвогар-аризадиҳанда дар ҳуди ИМА зиндагӣ кунад, дар ин маврид нишонии дар ИМА дошташро бояд нависад. Дар ин маврид нишониашро дар ИМА ба забони инглисӣ менависад.

Агар телефон дошта бошад, шумораи онро навиштан ба мақсад мувофиқтар аст.

— Ба конверти ирсолшаванда танҳо аризаву фотосуратҳо андохта мешаванд. Дар сурати ба конверт андохтани маълумотнома ва дигар ҳуҷҷатҳо дар бораи кор ва ҳоказо ариза барои баррасӣ қабул намешавад.

— Ба ариза дохил кардани фарзандони аз 21 сола калон, хоҳару бародарон дар мавриди бурди лотерея ба онҳо ба ҳеҷ ваҷҳ ҳуқуқи гирифтани раводиди (визаи) муҳоҷиратро намедиҳад.

Аз рӯи шартҳои лотереяи DV-2003 чун пештара дар он шахсоне, ки чи дар хорича ва чи дар ИМА зиндагӣ мекунанд (хоричиён дар назар дошта шудааанд) иштирок карда метавонанд.

Аз ин чунин бармеояд, ки хоричие, ки дар ИМА ғайрирасмӣ зиндагӣ мекунад, барои мисол, шахсе, ки мӯҳлати раводидаш тамом шудааст, дар лотерея иштирок карда метавонад. Чунин шахсон агар сӯроғаи ҳудро нишон дода бошанду бурд накунанд, натарсанд ҳам мешавад (таъқиб намекунанд).

Шартҳои лотерея иштирокдоронашро дар амалиёти қонунии онҳо дар роҳи ба даст овардани раводиди корӣ, паноҳандагии сиёсӣ, грин-карт ва ғайра маҳдуд намекунад. Масалан, иштирокдори лотерея то ё баъди ба грин-карт ариза додан барои расмӣ кунондани ҳуҷҷат ба визаи кории L-1, ё дар ҷараёни баррасии аризаи ӯ дар бораи гирифтани паноҳандагии сиёсӣ, ё ҳуд бо шаҳрванди ИМА аз қайди никоҳ гузаштан ва ҳоказо амалиётро ба сомон расонда метавонад.

Қоидаҳои лотерея ҳуқуқ медиҳад иштирокдор барои дуруст навиштани ариза адвокати литсензиядор ва ё машваратчиеро кирӣ кунад. Аммо ташкилкунандагони грин-карт иштирокдоронро огоҳ менамоянд, ки аризаҳои тавассути адвокат ё дигар шахси мутасаддӣ пур карда шуда ҳангоми интихоби компютерӣ бартарӣ намедиҳад. Аз ин чунин бармеояд, ки ин амал бурдро кафолат намекунад.

Инчунин мӯҳлати фиристодани ариза ҳам чи аввали октябр аст ё охири моҳ ба тақдири бозӣ таъсир намерасонад.

Собиқ бошандагони Иттиҳоди Шӯравӣ, аз ҷумла Осиёи Миёна ва назди Балтика бояд аризаро ба нишонии зерин ирсол намоянд:

DV-2003 Program
Kentucky Consuiar Center
3003 Visa Crest Migrate.K.Y.
41903-3000 USA

Ба хонандаи ҳиромӣ бояд хотиррасон намоем, ки ин буд талаботи асосӣ ҳангоми пур кардани ариза аз тарафи даъвогар ба грин-карт. Онҳо ба бозие, ки гузашт тааллуқ доранд ва гумон аст, ки онҳо тагйир ёбанд. Албатта шояд навгоние мушоҳида гардад. Соли оянда номи лотереяи грин-карт DV-2004 мешавад. Агар тагйироте ба амал ояд, алоқадри имкон ва ба даст овардани ахбор, саъй ва кӯшиш менамоем, ба огоҳии шумо бирасонем.

Дар давоми солҳои мавҷудияти лотереяи грин-карт тагйироти гуногун ба амал омад. Дар расонаҳои ахбори омма ҳам дар хусуси грин-карт маълумоти гуногун медиҳанд. Аз ҷумла шумораи лотереяро баъзе рӯзномаҳо 110 ҳазор, дар аксарияти онҳо 100 ҳазор менависанд. Баъди бурди грин-карт ҷараёни душвортараш оғоз меёбад. Дар рафти ҳуҷҷатпуркунӣ нисфи даъвогарон ба марра расида наметавонанд. Ҷараёни ҳуҷҷатпуркунӣ, гузаштан аз тест дар идораи консулгарӣ кори осон нест. Ҳар як камбудӣ сахт баррасӣ мегардад. Ба иштиҳои хуруфоти шиноснома, ҳуҷҷатҳо дар бораи маълумот, саволу ҷавоби танҳо ба танҳо сахт эътибор медиҳанд. Дар ин ҷараён нисфи даъвогарон ба марраи мурод намерасанд.

Намунаи конверт 6-10 дюйм (15-25 см) дарозӣ ва 3,5 дюйм васеӣ дорад.

Юсуф МИРЗОЕВ.

Ба ҷои табрик

Адабиётшиносе аз Дӯдмони Хушгавҳарон

Соли гузашта дар қатори гурӯҳи калони шахсиятҳои обрӯманди миллат яке аз олимону муаллимони мумтоз ва муаррихони борикбину шарқшиносони нуктасанҷи самарқандӣ — Дӯстмурод Саидмуродзода сазовори ордени «Дӯстӣ»-и Ҷумҳурияти Тоҷикистон гардиду дар яке аз рӯзҳои фархундаи истиқлоли ҷумҳурияти бародарӣ шахсан президенти он Э.Раҳмонов нисбати ҳамшаҳру ҳамватани маъруфамон низ табрику таҳниятҳои самимона гуфт.

Д.Саидмуродзода соли 1951 дорулмуаллимини дусолаи Самарқандро хатм намуда, се соли расо дар мактабҳои Ғарм ва Оби Гарм, ки дар қитъаи дурдасти Тоҷикистон ҷой гирифтааст, аз илми забону адабиёти тоҷик дарс гуфтааст. Баъди хатми факултаи таъриҳи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дар аспирантураи Пажӯҳишгоҳи шарқшиносии Санкт - Петербург (1958-1960) таҳсил намуда, баъди ҳимояи рисолаи номзадии худ ӯ ходими хурди илмии Пажӯҳишгоҳи шарқшиносии Академияи улуми Тоҷикистон таъин гардид.

Дар ҳамин даргоҳи илм ӯ зиёда аз сӣ сол самаранок кор бурда, аз вазифаи ходими хурди илмӣ то дарачаи ҷонишини директор оиди корҳои илмӣ расид. Чанд муддат иҷрокунандаи вазифаи сарвари пажӯҳишгоҳро низ дар ӯҳда дошт. Дар ин ҷо бо ҳақиқатнигории тадқиқоти илмии ҳуд ва олимони дигари тоҷик ҳатто дар арсаи берун аз мамлакат шиносонид. Д.Саидмуродзода нафақат тадқиқотчиву тарғиботчии таъриҳи ниёгон аст, балки ӯ ҳамчун педагогу устоди донишманд низ шинохта шудааст. Ғайр аз он ӯ дар давоми фаъолияти нимасраи илмӣ дар Донишгоҳи омӯзгории Душанбе, Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ва Мактаби ҳифзи коммунистии ҷумҳурӣ вазифаҳои дотсентиро иҷро намуда, барои ривоҷу равнақи маърифати ҷумҳурият кадрҳои баландихтисоси сершумор тайёр намудааст.

Ноғуфта намонад, ки Д.Саидмуродзода солҳои 1963 - 1965 дар Афғонистони ҳамсоя сафарӣ шуда, бори аввал дар вазифаи мутарҷимӣ кор кард. Дар аввали солҳои 80-ум аз тарафи КМ Ҳизби коммунистии Иттиҳоди Шӯравӣ дар назди КМ Ҳизби халқӣ-демократии Афғонистон вазифаи дипломатиро иҷро мекард. Д.Саидмуродзода муаллифи зиёда аз 50 мақолаву асарҳои илмии соҳаи таъриху шарқшиносӣ мебошад, ки аз тарафи нашрияҳои бонуфузи Душанбеву Тошканд, Маскаву Санкт-Петербург ва мамлакатҳои хорича чоп шуда, боиси эътибори махсуси олиму мутахассисони илму ҳунар гардидааанд.

Муаллифи сатрҳои зерин Д.Саидмуродзодаро аз овони бачагӣ нағз мешиносад. Чунки мо зодаи деҳаи Абӯмансури Мотурудии Самарқанд ҳастем, дар мактаби миёнаи ҳамин деҳа таҳсил гирифтаем. Вақте ки ман аз бо мукофоти олӣ тақдир гардиданаш огоҳ шудам, барои табрикаш ба ҷустуҷӯи ӯ даромадам. Вале пайдо кардан ба тезӣ муяссарам нашуд. Зеро ӯ то ҳол мисли пештара аз рӯи кору зиндагӣ гоҳ дар Самарқанд истиқомат мекунаду гоҳ дар Душанбешаҳр, аниқтараш қисми зиёди умри бобаракоташ мисли аввала дар Тоҷикистон мегузарад.

Охирҳои тирамоҳи соли гузашта тифоқо бо акои Дӯстмурод назди чойхонаи гузари Боғи Баланди шаҳрамон, ки дар қабати мадрасаи Усматибой воқеъ аст, рӯ ба рӯ афтодам. Баъди пурсупоси одатӣ дарҳол аз як канори чойхона ҷой гирифтему сари як пиёла чой сӯҳбат оростем.

Аз фурсат истифода бурда, ман ба зудӣ мақсади диламро фаҳмонда, ба саволу чавобҳои зарурӣ гузаштам.

— Бародари азиз, Шумо бешубҳа барои даҳҳо олиму муаллимони номдор ҳамчун устоди меҳрубон эҳтиром пайдо кардаед ва онҳо меҳрубониҳои шуморо ҳаргиз фаромӯш нахоҳанд кард... Ба фикрам сӯҳбатро аз тарҷимаи ҳоли худатон оғоз намуда, ёд аз авлоду устодони ҳуд мекардем, муродамон ҳосил мешуд...

— Моҳи феврали соли 1931 дар маҳаллаи Работи Болои деҳаи Мотуруд дар хонаводаи савдогар Саидмурод-охунд писари яке аз шахсони давлатманди Самарқанд мулло Неъматуллохони Корвонбошӣ (зодаи гузари Масҷиди Нақшин) ба дунё омадаам.

Падару бобоям ва чанде аз хешовандону наздикҳоямон дар мадрасаи Регистон таълим гирифтаанд. Аз рӯи нақли шоҳидон бобоям Мулло Неъматуллохон савдогари намоёнтарини замони ҳуд буда, дар кишварҳои Чин, Туркия, Афғонистон, Арабистони Саъудӣ нуқтаҳои савдо дошта, танҳо дар деҳаи Мотуруд зиёда аз 80 таноб замини кораму боғҳои мевачот доштаанд. Бародари калонии падарам Қорӣ Маҳмуд баъди хатми Мадрасаи Шердор илмомӯзиро дар Туркия такомул дода, баъди зиёрати Маккаи Мукаррама дар хоки Афғонистон таваккуф намуда, дар масҷиди Шоҳи Душамшераи Кобул қариб 10 сол вазифаи илмиро адо намудааанд (ёдашон ба хайр).

— Аз рӯи шуниданам вакилони авлоди падариву модариатон одамони баобрӯ, илмдӯсту ҳунарманд гузаштаанд...

— Чиянҳои падарам, яъне аммабачаҳоям Абдулҳамиду Абдулҳабиб Пулодиҳо шахсони басо равшандилу маърифатпарвар гузаштаанду дар рушду нумӯи маорифу маданияти ҷумҳуриятҳои Ӯзбекистону Тоҷикистон саҳми босазое гузоштаанд. Абдулҳамиди Пулодӣ соли 1922 баъди хатми мактаби ҳизбию советӣ ҳамроҳи падарашон ҳамчун чадидҳо-маърифатпарварон дар соҳтмони хонаи Шӯро ва аввалин истгоҳи барқии Ҷумҳурияти Бухоро иштирок намуда, баъди хатми Донишгоҳи давлатии Осиёи Миёна (САГУ) соли 1931 дар синни 22-солагӣ аввалин директори нахустин Донишкадаи олии агропедагогии Тоҷикистон (ҳоло Донишкадаи омӯзгории Душанбе) таъин гардиданд.

(Давомаш дар саҳифаи 4.)

Мулло Тоҳир Аҳмадов — Оҷиз



Оҷиз — (Мулло Тоҳир Аҳмадов) соли 1900 дар шаҳри бостонии Бухоро таваллуд ёфтааст. Ӯ соли 1917 мадрасаи Мири Араби Бухороро хатм намуда, ба сифати як зиёи некандешу маърифатдӯсти замони худ дар вазифаҳои гуногуни давлатӣ хизмат мекард. Чунончи, чанд муддат корманди соҳаи молия буд.

Бо вуҷуди ин ҳамеша муносибати нобоваронаи ҳукуматдорони шӯравиро нисбати худ эҳсос менамуд. Уро ҳамчун «одами замони кӯҳна» таҳқир мекарданд, зеро Тоҳир Аҳмадов инсони худотарсе буд аз таҳвову тоат худдорӣ намекард. Ин хислатҳои начибонаи ӯ, бешубҳа, ба ахлоқи болшевикон созгор набуд.

Аз ин рӯ Тоҳир Аҳмадов аз таҳқиру гумонҳои нисбати худаш дилгиру дилгазон гардида, соли 1944 бо аҳли оила аз Бухоро ба шаҳри Ангрени вилояти Тошканд кӯч мебандад ва дар ин ҷо муқим мемонад. Соли 1978 вафот кардааст.

Тоҳир Аҳмадов бо тахаллуси «Оҷиз» ба забонҳои тоҷикию ӯзбекӣ эҷод кардааст. Хаттоти хуб, ки буд, аз шеърҳояш маҷмӯае тартиб дода будааст.

Набераи шоир Раҳмон Давлатов (раиси ҷамъияти саҳмгузорони кони ангишти Англрен) маҷмӯаи ашъори бобои худро ба мо нишон дод. Мо аз ин маҷмӯа чанд намунаи эҷоди Оҷизро интихоб кардем ва онҳоро ба нияти шод намудани рӯҳи поки шоир ба хонандагони арҷманди «Овози тоҷик» пешкаш менамоем.

Наҷмиддин КОМИЛОВ,
профессор.

Рубоиёт

Ёраб, зи дӯ кавн бениёзам гардон,
В-аз афсари фақр сарфарозам гардон.
Дар роҳи талаб маҳрами розам гардон,
З-он рах, ки на сӯи ҳуст, бозам гардон.

Маншин зи талаб, домани ҳиммат бар зан,
Андар раҳи дӯст дида бар наштар зан.

Гирам, ба даруни хона роҳат надиҳанд,
Навмед мабошу ҳалқае бар дар зан.

Бо чарх ситезу бо фалак ҷанг макун,
Аз захми замона нола чун чанг макун.
Дар хок зарӯ дар оби дарё гӯҳар аст,
Зоеъ нагузоранд, ту дил танг макун.

Ай омада гирён ту ву хандон ҳама кас,
Аз омадани ту буд шодон ҳама кас.
Имрӯз чунон бибош, фардо чу равӣ
Хандон ту бурун равию гирён ҳама кас.

Китъаҳо

Ин кӯҳанбоғ, ки гул паҳлӯи
хор аст дар ӯ,
Нест як дил, ки на аз хор
низор аст дар ӯ.

Баҳри ибрат бикушо нофи замин
чун нофа,
Хатти мушкини бутон бин,
ки ғубор аст дар ӯ.

Дарахти вафоро бубин баргрез аст,
Аз ин баргрези вафо мегурезам.
Гаҳ аз соиҳи ғайр сар мерахонам,
Гаҳ аз худ чу соя ҷудо мегурезам.

Понғоз

Бихон тоҷики понғозӣ ғазалҳо,
Зи ҷӯши дил дар ин даврони Понғоз.

Мисоли шабпарак шайтон гурезад,
Зи файзи соҳиби Ғилмони Понғоз.

Расад гар душмане солим намонад,
Зи қаҳри баҳри пурҳуҷеӣ Понғоз.

Агар номанд файзи ҳусну ҳуҷӣ,
Чунин номе шавад шоёни Понғоз.

Ба дидан соҳа, лекин дилрабоянд,
Ҳама ёшу кӯҳансолони Понғоз.

Агар дунёӣ ҷӯянд аз заминаш,
Шавад машҳури дунё кони Понғоз.

Ҳунарҳо кард Оҷизро ба як ҷиҳ,
Ҳавои ҷонфизову шони Понғоз.

Ду-се рӯзе шудам меҳмони Понғоз,
Намудам сайр дар бӯстони Понғоз.

Ба дил ҳамчун баҳорон сайқалам доҳ,
Тамошоҳои кӯҳистони Понғоз.

Ба як сӯ барфу як сӯ пухта тутҳо,
Аҷиб расми тобистони Понғоз.

Шукуфта мисли рӯи нозанинон,
Ки маҳсулоти боғистони Понғоз.

Ба васфи чашмаву наҳраш чӣ гӯям,
Ҳазорон салсабил қурбони Понғоз.

Курсии «тиллоӣ» ёфт шуд

Сокини шаҳри Гуанжоуи Чин Фу дар арафаи иди баҳор субҳи содиқ аз хоб хеста, хост ҳамсари мондашудаашро шод гардонад. Ӯ филфавр саҳни хонаву ҳавлиро рӯфта, чид ва ҳама ашёро ҷо ба ҷо гузошт. Чиҳози кӯҳна ва курсии шикастаро, ки ба назараш бало барин тофт, бароварда ба ахлотхона партофт.

Ҳамсараш аз хоб бедор шуда, ҳангу манг шуда монд. Чун дид, ки аз курсии кӯҳна ному нишоне нест, аз ҳуш рафт. Баъд маълум гардид, ки занак дар зери чарми курсӣ ё аз хавфи дуздон, ё ба мақсади аз шавҳар пинҳон доштан 70 ҳазор юан (8 ҳазор доллари ИМА) пул, ду ангуштарӣ, як дастпона, ду гӯшвора ва чанд соати тиллоиро пинҳон карда будааст.

Ба бахти зану шавҳар муйсафед — ҳамсояашон аз ахлотхона курсии «тиллоӣ»-ро ёфта хона меоварад ва чун «хазинаро» меёбад, аз тарсу вахм ба полис хабар медиҳад. Ва ин рафтори муйсафед ҳамсояашонро аз қашшоқӣ эмин нигоҳ дошт.

Якбора 200 меҳмон

Сингапур яке аз мамлакатҳои мутараққии ҷаҳон ба ҳисоб меравад. Дар айни замон пойтахти он шаҳри Сингапур яке аз шаҳрҳои зебо ва фаровоннеъмати ҷаҳон аст. Вале имкони васеъ кардани сатҳи замини ҷазира нест ва ҳар вақаб замин дар ин ҷо ба зар баробар мебошаду онро эҳтиёткорона истифода мебаранд. Чунки бахри чор атрофи шаҳрро иҳота карда ба он имконият намедиҳад.

Азбаски шумораи меҳмонони мамлакат, алалхусус шаҳри мазкур пайваста меафзояд, ҷойгир сохтани онҳо як муаммои ҷиддӣ гардидааст.

Аз ин рӯ андешаи бунёди меҳмонхонаи нав дар болои баҳр ба хаёли шаҳрдорон расид. Муҳандисон лоиҳаи бинои шиновариро пешниҳод намуданд.

Ҳоло дар бандари Сингапур меҳмонхонаи муҷаҳҳази ҳафтошёна сохта, лангар партофтааст дар як навбат 200 меҳмонро қабул карда метавонад.

Дар Сатурн магар ҳаёт ҳаст?

Соли 1997 аз маркази кайҳонии Канаверали Амрико киштии кайҳонӣ ба парвоз баромад, ки роҳи сӯи сайёраи Сатурнро пеш гирифтааст. Ва киштии мазкур мувофиқи ҳисоби олимон соли 2004 ба сатҳи ин сайёра фуруд меояд.

Парвоз ҳафт сол сурат гирифта, баъд киштӣ ба доираи сайёраи Сатурн ворид мегардад ва он ба осонӣ ба даст намеояд. Дар даруни киштӣ шари ҳавоие ҷойгир аст, ки «Гюигенс» ном дорад ва маҳз он ба сатҳи ин сайёра мешинад. Агар тамоми тадбирҳои андешида ҷомаи амал пӯшанд, шари мазкур дар бадали ду рӯз муҳити сайёрароро муоина карда, маълумотҳоро ба Замин мерасонад.

Олимон тахмин доранд, ки дар Сатурн, ҳавзаи ниҳоят бузурги углеводород мавҷуд аст. Азбаски сайёраи мазкурро мудом тумани ғафс иҳота кардааст, чиҳатҳои кимёвиву физикии онро таҳқиқ кардан кори сангинест. Аз ин рӯ, ба он ҷо шиноҳдани шари махсус тавсия гардид, ки таҳқиқро дар сайёрае ба ичро мерасонад, ки аз замин тақрибан якуним миллиард километр дуртар воқеъ мебошад.

Амалӣ гардондани таҳқиқи сайёраи мазкур аз се марҳила иборат аст. Аввало гирду атрофи Сатурн омӯхта мешавад. Баъд диққату эътибор ба ҷараёнҳое нигаронда мешавад, ки дар дохили сайёра рух медиҳад. Сеюм, аз ҷониби шари ҳавой таҳқиқ гардидани сатҳи муайяни сайёра имконияти бардоштани хулосаҳои заруриро медиҳад.

Ба саволи «Дар Сатурн оё ҳаёт ҳаст?» олим, профессори Донишгоҳи Тел-Авив В.Димитров тавзеҳ дод, ки дар он ҳаёт дар шакли ачоибу ғароиб вуҷуд дорад.

Ҷарроҳи Фиръавн

Аз таги эҳромҳои Миср скалпел — теғи ҷарроҳие ёфт шуд, ки аз он чор ҳазор сол муқаддам дар амалиётҳои ҷарроҳӣ истифода бурдааанд. Ва он ҳангоми тозакунии эҳроми фиръавн Унасаи Саккара ёфт гардида боиси афзудани сайлу шавқи олимони қадимшинос нисбати эҳромҳо гардид. Чунки то ҳол ба тадқиқи баъзеи он тамоман даст назада буданд. Акнун бошад, чанд экспедитсияи ҳафриётшиносӣ фаъолияти доманадореро авҷ гиронданд.

Ҳарчанд аз байн чоруним ҳазор сол гузашта бошад ҳам, қабр хуб нигоҳ дошта шудааст. Ва қабри мазкур ба шахсе мансуб аст, ки номаш Кар будааст. Мутахассисон деворҳои қабрро муоина карда, ба чунин хулоса омаданд, ки вай ҳимоятгари сарои подшоҳ ва ҷарроҳи Фиръавн будааст.

Мисриён, умуман арабҳо ба мавҷуд будани ҳаёт баъди фавт боварӣ доранд. Аз ҳамин сабаб, шахси вафоткардаро бештар бо либосу анҷоме дафн мекунанд, ки дар касбу кораш лозим шудааст. Аз ин рӯ, Карро ҳам ҳамроҳи чил теғи ҷарроҳиаш ба хок супурдаанд.

Ва чунин теғи ҷарроҳӣ бори аввал аз маскани фиръавнҳо ба даст меояд.

Баҳои маҳорат

Дар ҳар сар хаёли мухталиф меғӯянд. Ба ин ҳикмат амал карда, мусиқинавози машҳури Норвегия Арве Телефзон ба мақсади чӣ тавр арзёбӣ гардидани маҳораташ тадбири ғароиберо андешид. Ӯ ба бар либосҳои кӯҳна гирифта, дар яке аз кӯчаҳои серодам хилватеро ихтиёр карда, ғуё худро вонамуд кард, ки барои қути лоямут ҳаракат дорад. Скрипкаро навохтан гирифт. Ҳарчанд чун дар консерт бо маҳорати баланд навохта бошад ҳам, аммо аз маблағ дарак нашуд. Дар тӯли тамоми як рӯз ҳамагӣ ба гирифтани 11 крон муваффақ гардид, ки нархи ним арзиши як чиптае буд, ки одамон ба консерти вай медаромаданд.

Ва он ба вай алам накард. Аммо суханони як роҳгузар маҳз андар маҳзаш ҷойгир шуда, хориашро оварда: «ту бародар, он қадр маҳорати баланд надоштай. Бехуда ба кӯча баромадай. Маҳоратро сайқал диҳӣ баъд соҳиби пулу маблағ мешавӣ» — гуфта буд роҳгузаре.

Ачибаш ҳамин ки ягон кас ҳатто пай набурд, ки вай скрипканавози машҳури ҷаҳон Арве Телефзон мебошад.

Тарки одат амри муҳол

Дар яке аз хонаҳои шаҳри Одесса гурбае мезист, ки лақабаш Мордан буд. Аз дуздиҳои ӯ хоҳааш бохабар гашта, ба дод омада буду аз паи халосшавиаш саъю ҳаракат менамуд.

Аз ин рӯ, рӯзе гурбаро ҳамроҳаш ба баҳр бурд ва ӯро ба ин, он тараф давонда, нобаҳангом ғайб заду гумонбар шуд, ки дигар ба хона намеояд. Гурба баъди як моҳ ба маъво баргашт, хеле лоғар шуда буд.

Хоҷа аҳволи ӯро дида, раҳмаш омад ва ин фикр аз сараш гузашт: шояд гурба тарки одат карда бошад. Вале Мордан дуздиро идома дод.

Соҳиби гурба, ки капитани киштӣ буд, рӯзе ба сафари Ҳиндустон омодагӣ дид. Ҳамроҳаш гурбаро ҳам гирифт. Дар соҳилҳои ҳиндустон бо супориши капитан маллоҳон ӯро аз киштӣ берун карданд.

Вале аз байн шаш моҳ гузашту Мордан боз дар Одесса пайдо шуд. Сари бузургашро тани лоғар базӯр мебардошт.

Маймунҳое, ки телевизор мебинанд

Дар боғи ҳайвонот Ню-Йорк маймунҳо ба шӯр омаданд. Тадбирҳои андешидашуда суде набахшиданд. Бо маслиҳати роҳгузаре дар қафасҳо телевизорҳоро ҷойгир сохтанд. Бо ҳамин васила маймунҳо ором гаштанд. Сараввал, онҳо тамоми барномаҳои «оинаи нилгун»-ро бетанаффус тамошо мекарданд. Акнун танҳо филмҳои бадеӣ ва ҳуҷҷатиро доир ба рӯзгори ҳайвонҳо мебинанд.

Мурдаи зиндашуда... ё ки қаллобии гӯшношунид

Аввалҳои соли ҷорӣ сокини деҳаи Ҷалоири ноҳияи Кӯмқӯрғон Раҳматулло Маматраҳимов ин дунёро тарк кард. Вале баъд аз ҳабдаҳ рӯзи дафни ӯ бародари хурди марҳум Абдуқаюм Маматраҳимов ҳамроҳи «ҳамсар»-и ғайриқонуниаш ва фолбинзани маҳаллӣ Зарифа Каримова овоза паҳн карданд, ки ба туфайли Офаридгор бародараш аз ғӯр зинда шуда баромадааст ва то чил рӯз нагузарад вайро дидан мумкин нест.

Чи хеле ки мунтазираш буданд, аз дуру наздик ба ин ҷо одамони соддадил бо умеди дидани мӯъҷизаи зинда ва аз дардашон халос шудан омадан гирифтанд. «Мӯъҷиза» бошад, то охири чил рӯз аз дидаҳо пинҳон мондан гирифт. Баъд аз дафн зиёда аз ду моҳ гузашт, анбӯҳи зиёраткунандагон канда намешуд. Фиребгарон бошанд, пулҳоеро, ки бар ивази дидорбинии зиёраткунандагон бо мурдаи зиндашуда мегирифтанд, мешумурданду халос.

Вале ин мӯъҷизаи ғайриоддӣ аз назари мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дур намонд. Онҳо комиссияи махсус созмон дода ғурро кушоданд. Марҳум дар ҷояш буд. Маълум шуд, ки «мурдаи зиндашуда»-и асроромез Амон Абраеви ба марҳум хеле монанд, вале аз вай нӯҳ сол хурди ба ин деҳа аз Тоҷикистон омада будааст. Чи хеле ки маълум шуд, қаллобон ба вай «барои кораш» 2 миллион сӯм ваъда кардааанд.

Ҳар се фиребгар ба ҳабс гирифта шуд, бар зидди онҳо парвандаи ҷиноӣ кушода шуд.

Ч. ТӮХТАЕВ,
мухбири ӮзА.

Нахустолими сӯхӣ

(Ба рӯзи таваллуди Аъзамҷон ГАДОЕВ 60 сол ва ба оғози фаъолияти меҳнатиаш 43 сол пур шуд)



Дотсенти кафедраи Ботаника ва методикаи таълими табиатшиносии Донишгоҳи Давлатии Фарғона Аъзамҷон Гадоев 17 маи соли 1942 дар деҳаи Қалъаи ноҳияи Сӯх дар оилаи деҳқон таваллуд ёфт. Мактаби миёнаро соли 1959 дар деҳаи Ровон хатм намуда, ҳамон сол ба шӯъбаи биологияю кимёи Донишкадаи давлатии омӯзгории Фарғона дохил гашт. Донишкадаро соли 1964 хатм намуду ба зодгоҳ баргашта дар таълимгоҳи ба номи К. Маркси ноҳияи Сӯх ҳамчун муаллими биология ва кимё ба фаъолияти омӯзгорӣ оғоз намуд. Дар ин давра дар сафи лашкар низ хизмат намуда,то соли 1970 дар зодгоҳ монд. Баъд ҳамчун шогирд, аз соли 1972 бошад, ҳамчун аспиранти институти зоология ва паразитологияи Академияи Улуми Ӯзбекистон ба тадқиқу таҳқиқи соҳаи худ пардохт. Таҳти роҳбарии профессор Д.Н. Засухин дар мавзӯи «Олами ҳайвоноти Ӯзбекистон» рисолаи номзадии худро дифоъ ва ба гирифтани дарачаи номзади илмии биология муваффақ гашт.

А.Гадоев аз байни олимони ӯзбекистонӣ яке аз аввалин шахсонест, ки фаъолияташро ба тадқиқи биологии ҳайвоноти якҳуҷайраи муфтхӯр бахшида, дар ин самт комёб шудааст. Пешниҳоду тавсияҳои илмии ӯ дар як қатор хоҷагиҳои чорводории вилоятҳои Бухоро, Навоӣ ва Фарғона тадбиқ гардида, самараи иқтисодӣ бахшидааанд. Ғайр аз ин А.Гадоев эҳтимолияти аз ҳайвонот ба одамон гузаштани беморихои саркоспоридӣ ва саркоспоридиозиро ҳамчун олими биолог талқин ва асосноқ кардааст.

А.Гадоев аз соли 1979 дар бахши Донишкадаи хоҷагии кишоварзии Тошканд воқеъ дар шаҳри Фарғона ба гурӯҳҳои русию ӯзбекӣ аз фанни анатомияи ҳайвонот дарс дод. Соли 1982 мудири кафедра, пасон муовини раиси иттиҳодияи касабаи донишкадаи мазкур интихоб гардид. Аз моҳи августи соли 1988 боз ба Донишкадаи Давлатии педагогии Фарғона баргашт ва фаъолияти омӯзгориашро ба сифати дотсент давом дод. Дар байни солҳои 1993-99 ба ҳайси мудири кафедраи методикаи таълими табиатшиносӣ адои вазифа намуд.

А.Гадоев фаъолияти илмию услубиашро таҳти роҳбарии профессор А.Қодиров идома медиҳад. Беш аз 40 мақолаи илмӣ ва дастурҳои услубиаш ба чоп расидааанд. Яке аз онҳо рисолаест таҳти унвони «Машғулотҳои лабораторӣ аз зоология» , ки бо ҳамқаламии А. Қодиров ва М.Мадиёров интишор ёфтааст.

Зодаи Сӯхи гулафшон Аъзамҷон Гадоев чун устод ва мурабби дар тайёр намудани кадрҳои баландмалака саҳм гирифтааст. Сардиректори маркази тадбиркорӣ ва илмию истеҳсолии Қувасой, профессор Т. Додобоев, мудири шӯъбаи моҳипарварии Вазорати кишоварзӣ ва хоҷагии об Х. Йулдошев, сардухтури маркази кардиологии вилояти Фарғона М. Одилов, дотсенти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тошканд Х. Эназаров, директори мактаби миёнаи рақами ҳафтуми ноҳияи Сӯх Б. Ақрабоҳо аз ҷумлаи шогирдони сазовори ӯянд.

Устоди арҷманд А.Гадоев падари меҳрубони панҷ фарзанд аст, ки чаҳортои онҳо соҳиби маълумоти олианд ва дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ ҳамчун омӯзгор, шифокор ва иқтисоддон хизмат мекунанд.

Устод А.Гадоев гарчӣ ба синни муборакӣ шаст қадам ниҳодааанд, дар дилашон ҳанӯз шавқи бо чавонони илмдӯст ҳамроҳ бадану онҳоро аз асрори илм воқиф сохтан чӯш мезанад. Ба устоди муҳтарам умри дарозу саломатии бардавом орзу намуда, шасти камолоти ӯро дигар бора сидқан муборакбод менамоем.

А.М. МАҲМУДОВ,
мудири кафедраи методикаи таълими Ботаника ва табиатшиносии Донишгоҳи Давлатии Фарғона, доктори илми биология, профессор.
К. МУҲИДДИНОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик».

Адабиётшиносе аз дудмони хушгавҳарон

(Аввалаш дар саҳифаи 3.)

Сонитар таи чанд муддат котиби ҳизби болшевикии Заҳматобод шуда, аз соли 1934 боз аз сари нав ба вазифаи аввалинашон бармегарданд ва аз охирҳои соли 1935 то саршавии ҷанги ҷаҳонии дуввум дар Тошканд шуда, дар амалиёти раҳбарии курси тайёркунии Осиёимиёнагии коркунони радио, мудири маорифи халқи Тошканд, директори китобхонаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба номи А.Навоӣ кор карда, ба фронт мераванд. Дере нагузашта соли 1942 аз фронт бармегарданду дар шаҳри Машҳади Эрон ба кор таъин мешаванд ва аз соли 1943 ба ҳабс афтода, то соли 1951 ҳамчун маҳбуси сиёсӣ ба шаҳри Свободаи Сибир бадарға шудаанд.

Баъди аз бадарға озод шуданашон А.Пӯлодиро директори мактаби ҳунари сохтмони шаҳри Самарқанд таъин мекунанд.

Аз соли 1970 то дақиқаҳои вопасин (1990) дар вазифаи шӯъбаи дастхатҳои нодири китобхонаи Донишгоҳи давлатии Самарқанд адои хизмат менамоянд. Чи тавре ки дар китоби «Тоҷикон»-и академик Б.Ғафуров қайд шудааст, Пӯлодӣ низ яке аз кашшофони аввалин матнҳои ҳуруфи Суғдӣ буда, соли 1931 ҳамон бозёфти нодире, ки аз Қалъаи Муғ пайдо шуда буд, бо ташаббуси ӯ дастраси олимони илми суғдшиносӣ гардидааст. А.Пӯлодӣ якчанд маротиба лоиқи ордену медалҳо, ифтихорномаҳои ҳукуматӣ шуда, унвони баланди «Ходими шоистаи маданияти Ӯзбекистон»-ро сазовор гардидааст. Додари хурдии ӯ Абдулҳабиб Пӯлодӣ низ солҳои дароз прокурори ноҳияи Тавилдара шуда сонитар дар мактабҳои миёнаи Мӯъминободи Тоҷикистон кор карда, бо нони муаллимӣ рӯзгор кашидааст.

Хушбахтиву сарфарозиҳои имрӯзаи ман бо кӯмаку дастгириҳои хешовандон, муаллиму устодони асилу донову сахтгиру эҳтиётҳои аламзадаи мо амалӣ гаштааст. Агар ҳайкалтарош мебудаму ихтиёри ҳайкалгузорӣ ба ман мебуд, пеш аз ҳама барои муаллимони шодравонам С.Қароев, А.Авазов (директори мактаб), А.Расулов (мудири қисми илмӣ), А.Тоҳиров, А.Холиқов (ҳоло дар қайди ҳаёту умрашон дароз бод) ва дигарон ёдгориҳои нотакрор гузошта, ба қатори онҳо номҳои модарам Саломатой Умурова, хоҳарам Кибриёбону Саидмуродоваҳоро низ бо зарҳал менавиштам. Чунки ман барои онҳо чигарбанди дӯстдошта будаму онҳо барои ман ҳуқуқи устодони аввалро доранд. Модарам, ки духтари Усто Умурбой (зодаи гузари Ҳавзи Сангин буда барои тармиму бунёди масҷиду мадрасаҳои бисёри Самарқанд саҳми арзанда гузоштаанд), хату саводи хуби арабӣ доштанду ашъори зиёди классикони тоҷику ӯзбекро азёд медонистанд.

— Дар хотирам мустаҳкам нақш бастаааст, солҳои баъди ҷанг Модаратон Саломатхола рӯзҳои дароз ҳавлии мактабамонро чусту чолокона рӯбу чин намуда об мезаданд. Баъди дарс синфонаҳоро ҳам меруфтанду мечинданд, дару тирезаҳоро аз чангу гард поқиза месохтанд. Хоҳаратон Кибриёапа аллакай ҳамчун муаллимаи хеле чавону хушрафтору хушгуфтор хонандаҳои синфашонро баъди дарс (берун аз синф) як-як таълими меҳнату ибрат омӯзонда, ба хонаҳояшон ҷавоб медоданд?

— Худи ман аз падар (ёдашон ба хайр) дар синни ҳаштмоҳагӣ ятим мондаам. Баъди паси ҳам ғорату барбод рафтани амволи авлодӣ, бадарғаву гурезагиҳои хешовандони наздик модарам рӯҳафтодагиҳоро аз худ тарк сохта, фарзандонашон — ману бародару хоҳарам Кибриёро бо азобу машаққатҳои зиёд ба камол расонидааанд. Хоҳарам муаллимаи варзидаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон К.Саидмуродова ба қатори садҳо шогирдони номдор ба мо устодону олимони имрӯза ва фарзандони худаш ҳисси илму адабу одамигариро омӯзонид. Солҳои ҳафтодуму ҳаштодум аз шаш нафар фарзанди ӯ панҷ нафараш мактаби миёнаро бо «медали тилло» хатм намуда, донишкадаҳои олиро бо дипломҳои сурх хонда, баъди аспирантура номзади илмҳо гаштааанду ҳоло касбу кори падару модарро бомуваффақият давом медиҳанд. Писари калониашон Илҳомҷон Ҳоҷиев баъди факултаи физикаву математикаи дорулфунун номзади фанҳои фалсафа, дотсенти Донишгоҳи давлатии Самарқанд шуда, ҳоло барои ҳимояи рисолаи докторӣ навбат мепояд.

— Акнун дар бораи устодоне, ки шуморо ба қуллаҳои баланди илм расонидааанд ду-се сухан мегуфтед.

— Дар давоми таҳсили мактаби олӣ дар Душанбе аз олимони машҳуру профессорон М.Шукуров, М.Бобохонов, Б.А.Слонимский, шодравон М. Осимӣ ва аз рӯзи қадами нахустин дар аспирантура аз олимони ҳақиқиву академикони Санкт-Петербургу Маскав Б.Ғафуров, В.В.Струве, И.А.Орбелӣ, И.П. Петрушчевский ва дигарон илм омӯхтаму одамигарӣ. Дар ҳаққи ҳамаи устодонам бо суханҳои мӯъҷизаноки бузургвор як умр миннатдориҳо меҳоҳам:



Ҳаққи устод аз падар беш аст,
В аз падар устод дар беш аст!

— Акнун аз рӯзгори имрӯзаи худ сухан гуед?

— Духтарам Мавлудабону ва писарам Шавкатҷон Саидмуродзодаҳо номзадони илм ва устодони баркамоли донишгоҳҳои Донишкадаи техникии Душанбе ва писари дигарам Шӯҳратҷон Саидмуродзода ходими сафоратҳонаи Тоҷикистон дар Хитой адои хизмат доранд.

Ману модари фарзадон, бибиҷони наберахоям сарвари собиқи китобхонаи миллии Ҷумҳурӣ ва корманди варзидаи маданияти Тоҷикистон Нуринисо Бобоҷонова айши пирӣ ронда, бо корҳои эҷодии худ машғул ҳастем.

Абдусалом МОТУРУДӢ,
профессор.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир Эсон Турдиқулов.
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе мебарояд.
Рӯзнома дар компутерхонаи идора чинда, саҳифабанд гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.
Рӯзнома дар Кумитаи давлатии матбуоти Ӯзбекистон номнавис гардидааст. Тартиби номнависшуда № 16. Г - 444.
Теъдоди чоп 3000.

Ҳисоби сурати мо дар бонк:
Х/С 20212000800101767001,
МФО 00423. Шӯъбаи Меҳнати ЖСБ дар шаҳри Тошканд.
Муҳаррири навбатдор: **Т. ТӮХТАЕВ.**
Мусаححеҳон: ДОДОБОЕВА М.
ФАЁЗОВА Т.
Саҳифабанд: Г. Раҳимова.

Нишонии мо:
700047 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ 133 - 82 - 83; шӯъбаи мактубҳо ва корҳои оммавӣ 136 - 57 - 28.
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ», нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.